АЗ АСЪОРИ МУШТАРАК ТО РОҲИ ОҲАН с. 3

НАРХИ ПАТЕНТ ДАР РУСИЯ БОЛО МЕРАВАД с. 5

ПАРВАНДАИ МУАЛЛИМ БА СУД РАФТ с. 11

ТОҶИКИСТОН

№44 (1657), 29.10.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ОМӮЗГОРОН АЗ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ОЗОД МЕШАВАНД





ДАР ИН ШУМОРА:

ВАШИНГТОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ
Тоҷикистон аз он чӣ манфиат мебардорад? с.2

МИРЗИЁЕВ ДАР БРЮССЕЛ
Ҷалби 10 млрд доллар сармоя с.4

РУСИЯ
Даъват ба артиш тамоми сол сурат мегирад с.5

БАҲМАНМОҲ
Он кори дасти кӣ буд? с.6

ҶИНОЯТ
Аз ҷабри моиндар худкушӣ кард с.11

АЗ ЗАБОНИ РАҚАМҲО
Дар Тоҷикистон чанд воситаи нақлиёт мавҷуд аст? с.7

ҚАЙДҲОИ САФАР
Ҷӯйи Мӯлиён дар куҷост? с.10

ВАРЗИШ
15 нишони варзишгарони тоҷик аз Баҳрайн с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ВАШИНГТОН ВА ПАНҶГОНАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Тоҷикистон аз он чӣ манфиат мебардорад?

Мулоқоти эҳтимолии роҳбарони панҷ кишвари Осиёи Марказӣ бо Президенти ИМА Доналд Трамп, ки барои 6-уми ноябр дар Вашингтон барномарезӣ шудааст, метавонад як саҳифаи навро дар муносибатҳои ИМА ва минтақа боз кунад. Дар замоне, ки ҷаҳон рӯ ба тавозуни геополитикӣ дорад, формати «С5+1» пас аз даҳ соли таъсис дубора аҳамияти амалӣ пайдо мекунад.

ЧАРО ВАШИНГТОН БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ БОЗМЕГАРДАД?

Дар пасманзари рақобати афзояндаи қудратҳо ва таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳонӣ, Иёлоти Муттаҳида ба минтақаи Осиёи Марказӣ бо диди нав менигарад. Формати «С5+1» - платформаи дипломатии ИМА бо панҷ кишвари минтақа акнун метавонад аз марҳилаи рамзӣ ба сатҳи амалии ҳамкорӣ гузарад. Ба гуфтаи расонаҳои байналмилалӣ, Доналд Трамп ба Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон даъватнома ирсол кардааст. Қосим-Жомарт Токаев аллакай бо номаи расмӣ иштирокашро тасдиқ намудааст.

Ин ҳамоиш пас аз сафари фиристодаи хосаи президенти ИМА оид ба Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Серхио Гор ва муовини котиби давлатӣ Кристофер Ландау ба минтақа тарҳрезӣ шудааст. Ҳадафи сафар, ба гуфтаи Департаменти давлатӣ, «ҳамоҳангсозии масъалаҳои сармоягузорӣ, конкодҳои муҳим ва логистикаи минтақавӣ» будааст. Вашингтон мекӯшад дар минтақа ҳамзамон бо иқтисод, амният ва "қувваи мулоим", яъне ҷазобият, фарҳанг, арзишҳо ва эътибораш таъсиргузор бошад, мавқеи худро мустаҳкам созад.

Таваҷҷуҳи Амрико бештар ба се самт равона шудааст: аввал - минералҳои нодир ва захираҳои стратегӣ, ки барои саноати баландтехнологӣ аҳамияти муҳим доранд; дуюм - долонҳои транзитӣ ва логистика, аз ҷумла "Шимол-Ҷануб" ва "Шарқ-Ғарб" ва сеюм - амният ва суботи минтақавӣ, ки бе он сармоягузорӣ ва рушди устувор имконнопазир аст.

Осиёи Марказӣ имрӯз дар шароите қарор дорад, ки бояд тавозуни мураккабро миёни Русия, Чин ва Ғарб нигоҳ дорад. ИМА дар талоши барқарор кардани иртиботҳои иқтисодӣ ва сиёсии худ аст, то ҳам кишварҳои минтақа аз вобастагии якҷониба раҳо ёбанд ва ҳам шабакаҳои нави тиҷоратӣ бо меъёрҳои шаффоф ва рақобатпазир бунёд шаванд.

ҚАТЪНОМАИ СММ "ДАР БОРАИ НАҚШИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ", КИ 25-УМИ ИЮЛ ҚАБУЛ ШУД, КИШВАРҲОИ МИНТАҚА, АЗ ҶУМЛА ТОҶИКИСТОНРО ВОДОР МЕКУНАД, КИ ДАР СОҲАИ АI МУБОДИЛАИ ТАҶРИБА, ДОНИШ ВА ТЕХНОЛОГИЯ НАМУДА, ИН НАВОВАРИҲОРО БАРОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ МУҲИТИ ЗИСТ, ЭНЕРГЕТИКА ВА МАОРИФ ТАТБИҚ НАМОЯНД.

ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ НАВИ ҲАМКОРИИ "С5+1"

Барои Тоҷикистон чунин саммитҳо на танҳо шакли рамзии мулоқоти дипломатӣ, балки заминаи воқеӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими минтақавӣ мебошанд. Аз ҷумла, сухан метавонад дар бораи CASA-1000, нерӯгоҳи "Роғун", инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, ислоҳоти марзбонӣ ва тақвияти ҳамкориҳои амниятӣ равад.

Формати "С5+1" ба Душанбе имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар низоми нави ҳамкории амниятӣ, иқтисодӣ ва экологӣ тақвият диҳад. Ин ҳамкорӣ метавонад ба ҷалби сармоягузории стратегӣ, таҳкими робита бо ИМА ва кушодани роҳҳои нави иқтисодиву сиёсӣ мусоидат кунад.

ЗЕҲНИ СУНЪӢ САМТИ НАВИ ҲАМКОРӢ ДАР САТҲИ ҶАҲОНӢ

Мавқеи фаъолонаи Тоҷикистон дар саҳнаи байналмилалӣ танҳо ба масъалаҳои амният ва об маҳдуд намешавад. Ҳамкорӣ дар самти қатъномаи "Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ", ки 25-уми июл Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул

намуд, самти нави фаъолияти Тоҷикистонро муайян мекунад.

Ин қатънома ба истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии кишварҳои минтақа равона шудааст. Барои Тоҷикистон ин иқдом имкони ҷалби технологияҳои навро дар соҳаҳои идоракунии захираҳои об, энергетика, кишоварзӣ, маориф ва идоракунии давлатӣ фароҳам меорад.

Иштироки фаъол дар чунин ташаббусҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон мехоҳад аз қувваи нарм (soft power) - дониш, навоварӣ ва фарҳанг барои таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ истифода кунад.

ПЕШОМАДҲО ВА ХАТАРҲО БАРОИ ТОҶИКИСТОН

ПЕШОМАДҲОИ МУСБАТ:

• Дастрасӣ ба сармоя ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ;

• Тақвияти амният ва назорати марзҳо тавассути технологияҳои нав;

• Густариши нуфузи дипломатӣ ва имкони муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари калидии об ва энергия.

ХАТАРҲОИ ЭҲТИМОЛӢ:

• Рақобати нуфуз миёни абарқудратҳо метавонад мувозинати сиёсати хориҷиро душвор созад;

• Вобастагии аз ҳад зиёд аз сармоягузории якҷониба хатари иқтисодиро меафзояд;

• Норасоии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи зеҳни сунъӣ татбиқи барномаҳои навро маҳдуд мекунад.

Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии кишвар бояд дар баробари ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ барномаи мукаммали рушди илм, технология ва инфрасохтори рақамиро низ фаро гирад.

Хулоса, формати “С5+1” ва қатъномаи нави СММ дар бораи зеҳни сунъӣ ду сутуни асосии ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир мебошанд. Агар ин ҳамкорӣ бо сиёсати оқилона ва дурнигарона идома ёбад, Тоҷикистон метавонад худро ҳамчун маркази устувори энергетикӣ, обӣ ва инноватсионии Осиёи Марказӣ муаррифӣ кунад.

Дар ҷаҳоне, ки сиёсат, иқтисод ва илм ба ҳам омехтаанд, қадами устувори Тоҷикистон ба сӯи зеҳни сунъӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ иқдоме ба сӯи ояндаи рақамӣ ва рушди устувори Тоҷикистон аст.

Шариф ҲАМДАМПУР,
“Тоҷикистон”

АЗ АСЪОРИ МУШТАРАК ТО РОҲИ ОҲАН

Дар мулоқоти Масъуди Пизишкиён ва Рамазон Раҳимзода кадом масъалаҳо баррасӣ шуданд?

РАМАЗОН РАҲИМЗОДА, ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН БО МАСЪУД ПИЗИШКИЁН, РАИСҶУМҲУРИ ЭРОН ДИДОР ВА МАСОИЛИ ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ АМНИЯТӢ, МАРЗӢ ВА МУБОРИЗА БО ҚОЧОҚИ МАВОДИ МУХАДДИРРО БАРРАСӢ КАРДААСТ.



МО ТЕҲРОНРО ХОНАИ ХУД МЕДОНЕМ

Ин мулоқот рӯзи 28-уми октябр дар ҳошияи Нишасти вазирони умури дохилии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар шаҳри Теҳрон сурат гирифтааст.

Ба гузориши расонаҳои Эрон, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар ин дидор таъмини амниятро ҳамчун заминаи густариши робитаҳои иқтисодӣ муҳим дониста, гуфтааст, ки ду кишвар бояд дар мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир ҳамкории наздике дошта бошанд.

“Мо Теҳронро хонаи худ медонем ва бояд робитаҳои ду кишвар дар ҳама заминаҳо густариш ёбад. Суханони шумо бисёр ширин аст. Мардуми Тоҷикистон шуморо хеле дӯст медоранд”,- изҳор доштааст Раҳимзода.

Пизишкиён густариши робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эронро муҳим дониста, бар зарурати тақвияти ҳамбастагии кишварҳои минтақа, бахусус кишварҳои исломӣ таъкид кардааст.

Ӯ аз он изҳори нигаронӣ кардааст, ки “бегонагон дар талошанд” монеи эҷоди робитаҳои нек миёни кишварҳои исломӣ шаванд ва мусулмонону миллатҳои минтақаро ба ҷони ҳам меандозанд.

“Агар бо якдигар муттаҳид бошем, қавӣ хоҳем шуд, дар ғайри ин сурат, заиф мешавем”,- гуфтааст Пизишкиён.

Ӯ дар идома гуфтааст, ки Тоҷикистону Эрон бо такя ба фарҳанг ва таърихи муштарак метавонанд ояндаи дурахшон барои миллатҳои худ бисозанд.

Раисҷумҳури Эрон дар охир ба вазири корҳои дохилии Тоҷикистон гуфтааст, ки “саломи гарм”-и ӯро ба Эмомалӣ Раҳмон, ҳамтои тоҷикаш расонад.

ПЕШНИҲОДИ ПИЗИШКИЁН


Президенти Эрон Масъуд Пизишкиён дар мулоқоташ дар ҳошияи Нишасти вазирони умури дохилии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ зикр кард, ки имкон дорад дар минтақа, аз ҷумла бо кишварҳои ҳамфарҳанг (ба монанди Тоҷикистон) «асъори муштарак» ташкил шавад. Дар ин бора сомонаи расмии Президенти Эрон хабар медиҳад. Гуфта мешавад, ки Пизишкиён ин пешниҳодро бо ҳадафи таҳкими ҳамгироии иқтисодии Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ кардааст.

Ҳамчунин, раисҷумҳури Эрон таъкид кардааст, ки робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии мардумони Эрону Тоҷикистон заминаи мусоид барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ фароҳам меоранд.

«Бо такя ба робитаҳои динӣ ва фарҳангӣ дар минтақа метавон шароите фароҳам овард, ки дар он гуфтугуҳо осонтар сурат гирифта, монеаҳои мавҷуда бартараф гарданд. Ҳатто метавон асъори минтақавии муштарак ҷорӣ кард, ки ба рушди иқтисодии тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард»,- гуфтааст Масъуди Пизишкиён.

(Давомаш дар саҳ. 9)

САРИ САБЗ



Ҳоҷимуҳаммад УМАРОВ, доктори илмҳои иқтисодӣ

- Ман ҳатто нафақа намегирам, усулан онро фаромӯш кардаам. Ва барои рафтан ба муассисаҳову ҷамъ кардани ҳуҷҷатҳо барои гирифтани нафақа вақт ҳам надорам. Камшавии нерӯро эҳсос кунам, пас мефаҳмам, ки вақти ба истироҳат рафтан фаро расидааст.

- Рафиқ доктор, агар ҳама мисли шумо пас аз нафақа баромадан ҳам кор кунанду маоши хуб гиранд, албатта чандин нафари дигар ҳам нафақаро усулан фаромӯш мекунанд.



Рухшона УЛФАТОВА, ҳунарпешаи Театри тамошобини ҷавон

- Дар мавриди рақобати шабакаҳои иҷтимоӣ ва театр чизе гуфтан душвор аст, зеро дар ҳақиқат ҳоло шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи зиёдро ҷалб мекунанд. Дар мавриди театр бошад, бояд бигӯям, ки хушбахтона, рисолаташро назди ҷомеа иҷро карда истодааст.

- Иии, ин чӣ хел мешавад? Беҳтараш кушоду равшан ва бе хотирбинӣ мегуфтед, ки театр рисолаташро иҷро карда истодааст, агар ҳамин шабакаҳои иҷтимоии сабилмонда намебуданд...



Фатҳулло АБДУЛЛОЕВ, чеҳраи маъруфи санъат

- Муҳаббат ба кор ба кас нерӯ мебахшад ва ҳеҷ мушкилие дар назарат наметобад. Аксари вақт рӯзона ба намоишҳои театрӣ омода шуда, намоишҳоро рӯйи саҳна мегузоштем. Барои сабти филм бошад, бештар шабона мерафтем. Ҳатто то ду-сеи саҳар ба наворгирии филм овора мешудем.

- Офарин ба ҳиммату заҳмататон! Намоишҳои театрӣ ку ба хайр, аммо аз шаб то саҳар ки филм ба навор гирифта бошед, хеле заҳмат кашидагистед. Филмҳо дар кадом жанр буданд?

Калонсолтарин президент ба кор оғоз кард

Пол Бияи 92-сола барои як давраи ҳафтсолаи дигар Президенти Камерун интихоб шуд. Ин пирӯзӣ ӯро дар мақоми калонсолтарин раисҷумҳури ҷаҳон қарор медиҳад.



Бия, ки 43 сол аст бар Камерун ҳукумат мекунад, имсол барои ҳаштумин бор дар интихоботи президентӣ ширкат кард. Мухолифон мегӯянд, ки Пол Бия бо тақаллуб дар интихобот ғолиб шудааст.

То кунун 4 нафар дар нооромиҳое, ки пас аз интихобот дар ин кишвар рух доданд, кушта шуданд.

Ҳамзамон, нигарониҳо аз вазъи саломатии Президенти Камерун қобилияти ӯро дар идоракунии давлат зери суол мебарад.

BBC

Охирин ҷаласаи роҳбари ЮНЕСКО дар Самарқанд

Одри Азуле, директори генералии ЮНЕСКО барои иштирок дар ҷаласаи 43-юми Конфронси ЮНЕСКО ба Самарқанд омадааст. Барои ӯ, ки аз соли 2017 ин созмонро роҳбарӣ мекунад, ин ҷаласа охирин ҳамчун директори генералии ЮНЕСКО хоҳад буд.



Директори нави генералии ЮНЕСКО расман дар Самарқанд ба кор шуруъ мекунад. Ӯ Холид Ал-Анонии мисрии 54-сола аст, ки ба наздикӣ дар ҷаласаи 222-юми Кумитаи иҷроияи созмон дар интихобот пирӯз шуд.

Қобили зикр аст, ки иҷлосияи 43-юми Конфронси Генералии ЮНЕСКО аз 30-юми октябр то 13-уми ноябр дар Самарқанд баргузор мешавад. Бори аввал дар чиҳил соли охир ин ҳамоиши ЮНЕСКО берун аз Париж баргузор мегардад.

Бо сабаби баргузории Конфронси Генералии ЮНЕСКО дар Самарқанд роҳҳои вуруд ба ин шаҳр аз 30-юми октябр то 14-уми ноябр баста аст. Дар ин давра шаҳрвандони Тоҷикистон наметавонанд тариқи гузаргоҳи Сарзам-Ҷартеппа вориди Ӯзбекистон шаванд.

KUN.UZ

МИРЗИЁЕВ ДАР БРЮССЕЛ

Созишномаи нави ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо ва сармоягузории 10-миллиардӣ

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Брюссел рафт. Дар доираи ин сафар ӯ бо Подшоҳи Белгия Филипп, Президенти Шурои Аврупо Антониу Кошта ва Раиси Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен мулоқотҳои муҳим анҷом дод.



Ҳадафи асосии ин сафар таҳким додани ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон бо Иттиҳоди Аврупо ва Белгия арзёбӣ мешавад.

Марҳилаи асосии ин сафари давлатӣ ба имзои "Созишномаи ҳамкории густурда ва шарикии стратегӣ миёни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо" бахшида шудааст. Ин санад заминаи ҳуқуқии нави ҳамкориро дар самтҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, иқлим, технологияҳои баланд ва робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ фароҳам меорад.

Роҳбари Иттиҳоди Аврупо ин иқдомро қадами таърихӣ барои рушди муносибатҳои Тошканд ва Брюссел дониста ва подшоҳи Белгия Филипп шахсан Шавкат Мирзиёевро барои имзо кардани ин санад табрик намуд. Ҳамзамон, ҷонибҳо аз анҷоми музокирот оид ба шомил шудани Ӯзбекистон ба Созмони ҷаҳонии савдо низ истиқбол намуданд.

Дар ҷараёни ин сафар Шавкат Мирзиёев ба рушди муносибатҳои Ӯзбекистон бо Белгия махсус таъкид намуд. Аз ҷумла, афзоиши ҳаҷми муомилоти молӣ, густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва ифтитоҳи бюсти Абуалӣ ибни Сино дар шаҳри Корситутсионалӣ ва сода намудани низоми раводид барои фаъолони соҳаи иқтисодӣ ва илмиро таъкид намуданд.

Дар фарҷоми мулоқот роҳбарони Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо ба масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ дахл карда, изҳороти муштарак қабул намуданд. Президент Шавкат Мирзиёев дар поёни сафараш Подшоҳи Белгия Филиппро барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ӯзбекистон даъват кард.

трейк аз мисолҳои рӯшани наздикии ду кишвар номида шуданд.

Дар самти иқтисодӣ натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Бар асоси иттилои расмӣ дар миёни баргузории форуми соҳибкорон ва мулоқот бо ширкатҳои аврупоӣ қарордодҳои нав ба маблағи беш аз 10 миллиард евро имзо шуданд.

Ин шартномаҳо соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла энергетика, саноати химия, маъданҳои муҳим, логистика, нассоҷӣ ва фармасевтикаро фаро мегиранд.

Ҳамчунин, қайд шуд, ки ҳаҷми умумии ҳамкориҳои сармоягузорӣ миёни Ӯзбекистон ва ширкатҳои аврупоӣ аз ҳоло беш аз 40 миллиард евроро ташкил медиҳад. Ҷонибҳо зарурати тақвияти механизмҳои ин-

ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚ ЗИНДОНӢ ШУД

Никола Саркозӣ, президенти пешини Фаронса рӯзи 21-уми октябр барои гузаронидани давраи панҷсола маҳкумияти худ роҳии зиндон шуд. Ӯ нахустин раҳбари пешини як кишвари узви Иттиҳоди Аврупо аст, ки роҳии зиндон мешавад. Саркозӣ ҳамчунин аввалин раисҷумҳури Фаронса аст, ки пас аз Ҷанги Дувуми Ҷаҳонӣ ҳабс мешавад.



Саркозӣ, ки солҳои 2007-2012 президенти Фаронса буд, чанд ҳафта пеш ба иттиҳоми дарёфти пул аз Муаммар Қаззофӣ, роҳбари пешин ва кушташудаи Либия барои маъракаи интихоботие, ки 18 сол пеш боиси пирӯзии ӯ шуд, гунаҳкор шинохта шуд.

Хабарнигорони хабаргузории "Франс-пресс" мушоҳида карданд, ки Саркозии 70-сола субҳи 21-уми октябр дар ҳоле, ки ба ҳукми додгоҳ эътироз мекард, хонаашро тарк кард ва пас аз тай кардани масофаи кӯтоҳе, бо ҳамроҳии пулис вориди яке аз зиндонҳои пойтахти Фаронса шуд.

Хабарнигорони хабаргузории "Франс пресс" ҳамчунин шуниданд, ки зиндониён аз пушти панҷараҳо фарёд мезаданд: "Хуш омадӣ, Саркозӣ" ва "Саркозӣ инҷост".

Бо ин ҳол, Саркозӣ дар паёме, ки ҳангоми интиқол ба зиндон дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кард, ҳар гуна қонуншиканиро рад намуд.

ЯК НАҚҚОШИИ ПИКАССО БО 27 МЛН ЕВРО ФУРӮХТА ШУД

Як асари нақққошӣ аз Пабло Пикассо, ҳунарманди шинохтаи испанӣ рӯзи ҷумъаи 24-уми октябр дар музояда ё ауксиони Порис бо қимати 27 миллион евро, муодили 31 миллион доллар фурӯхта шуд.




Ин асар ба унвони "Нимтанаи зане бо кулоҳи гулдор" дар соли 1944 тавассути як хонаводаи фаронсавӣ харидорӣ шуда буд ва даҳсолаҳо дар маҷмуаи хусусии онҳо боқӣ монд, то ин ки ворисони хонавода тасмим гирифтанд онро бифурӯшанд, чун намешуд онро ба таври физикӣ байни худ тақсим кунанд.

Харидор дар толори ауксион ҳузур дошт, аммо ҳувияташ ошкор нашуд.

Ба гуфтаи коршиносон, ин табло пеш аз ин ҳаргиз ба таври умумӣ намоиш дода нашуда буд.

ОМӮЗГОРОН АЗ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ОЗОД МЕШАВАНД

МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ УҲДАДОРИИ ҲАРБӢ ВА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ” ТАҒЙИРОТ ВОРИД КАРД, КИ МУВОФИҚИ ОН МИНБАЪД ҲАМАИ ОМӮЗГОРОН, НОВОБАСТА АЗ ҶОЙИ КОРАШОН, ДАР ДАВРАИ ФАЪОЛИЯТ АЗ ХИЗМАТИ ҲАТМИИ ҲАРБӢ ПУРРА ОЗОД МЕШАВАНД.



Пештар ин имтиёз танҳо ба омӯзгорони деҳот дахл дошт.


Гуфта мешавад, ки ин лоиҳаи қонун бо ҳадафи баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва бартараф кардани норасоии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ пешниҳод шудааст.

Ба иттилои Вазорати маориф ва илм, дар оғози соли таҳсили 2025-2026 дар мактабҳои кишвар беш аз 3 ҳазору 800 омӯзгор намерасад, гарчанде имсол зиёда аз 13 ҳазор донишҷӯ риштаи омӯзгориро хатм кардаанд.

Бар асоси қонуни нав “Дар бораи мақоми омӯзгор”, омӯзгорон ҳамчунин аз таҳқир, маҷбуркорӣ ба шанбегӣ ва пулҷамъкунӣ ҳифз шуда, ҳуқуқи гирифтани замин ва манзили зист хоҳанд дошт.

Тағйирот бояд аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва президент тасдиқ ва дар матбуот нашр гардад, то қувваи қонунӣ гирад.

ДАЪВАТ БА САФИ АРТИШИ РУСИЯ ТАМОМИ СОЛ СУРАТ МЕГИРАД



ДУМАИ ДАВЛАТИИ РУСИЯ РӮЗИ СЕШАНБЕ ҚОНУНЕРО ҚАБУЛ КАРД, КИ БАР АСОСИ ОН МЕТАВОНАНД ҶАВОНОНРО ТАМОМИ СОЛ БА САФИ АРТИШ ДАЪВАТ КУНАНД. ДИГАР ДАЪВАТ БА САФИ НЕРУҲОИ МУСАЛЛАҲ МАВСИМӢ НАХОҲАД БУД, ВАЛЕ ДАЪВАТШУДАГОНРО БА ҶОЙИ ХИДМАТ ДАР ЯК СОЛ ДУ БОР МЕФИРИСТАНД.

Дар сурати имзои қонун, комиссияҳои даъват ба сафи артиш тамоми сол кор мекунанд, муоинаи тиббии даъватшудагону ташхиси равонии онҳо муназзам идома меёбад.

Муаллифони қонун гуфтаанд, ки ин кор метавонад сифати даъват ба сафи неруҳои мусаллаҳи Русияро боло барад. Ба гуфтаи ҳомиёни ҳуқуқ, мақомот мехоҳанд аз ин роҳ низомеро ба роҳ монанд, ки пайваста сафи артишро бо сарбоз пур кунад.

Зоҳиран ҷанги Русия дар Украина ва талафоти афзояндаи артиши он дар ҷанг мақомоти Русияро маҷбур кардааст, ки дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави сафарбарии ҷавонон ба артиш ва ҳамин гуна, ба ҷанг бошанд.

НАРХИ ПАТЕНТ ДАР РУСИЯ БОЛО МЕРАВАД

БО НАЗДИК ОМАДАНИ СОЛИ НАВ МАҚОМОТ ДАР ШАҲРУ НАВОҲИИ МУХТАЛИФИ РУСИЯ ТАСМИМАШОНРО ДАР БОРАИ БОЛО БУРДАНИ НАРХИ ПАТЕНТ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ МУҲОҶИРОН ДАР ИН КИШВАР ЭЪЛОН КАРДАНД. ҲОЛ ОН КИ, ЧАНДЕ ПЕШ ВЛАДИМИР ПУТИН МАСЪАЛАИ БАРҲАМ ДОДАНИ ПАТЕНТРО БАРОИ МУҲОҶИРОН МАТРАҲ КАРДА БУД.



Масъулин дар вилояти Новосибирск гуфтанд, қимати иҷозатномаи корро 11 дар сад боло мебаранд, аз соли 2026 нархи патент дар ин вилоят 10 ҳазору 860 рублро ташкил хоҳад дод, ки нисбат ба соли ҷорӣ 2950 рубл бештар будааст. Мақомоти ин вилоят гуфтанд, ки аз 58 ҳазор муҳоҷири корӣ дар Новосибирск 37 дар садаш тоҷиконанд.

Маблағи ҳармоҳа барои иҷозати кор дар Санкт-Петербург низ аз якуми январ аз 6 ҳазор рубли русӣ ба 8 ҳазор хоҳад расид. Ин афзоиш ҳам ба Санкт-Петербург ва ҳам ба вилояти Ленинград дахл дорад, зеро мақомот тасмими муштарак гирифтаанд.

Дар вилояти Иркутск ҳам муҳоҷирон барои патент ба ҷойи 10 ҳазору 900 рубл бояд 12 ҳазору 231 рубл пардохт кунанд. Қонунгузорон дар Камчатка рӯзи 28-уми октябр эълон карданд, ки қимати патент аз 9 ҳазору 27 рубл ба 13 ҳазору 776 рубл боло бурда мешавад.

Дар вилояти Свердловск қарор шуд, ки барои муҳоҷирон аз соли нав патент бо арзиши 9 ҳазору 500 рубл пешниҳод шавад. Ҳоло нарх 7 ҳазору 500 рубл аст.

Аксари муҳоҷирони тоҷик дар Русия тариқи патент фаъолият доранд ва пайваста аз нархи баланди он шикоят мекунанд. Бидуни патент дар Русия кор кардан манъ аст ва ҳамасола садҳо муҳоҷир бо ҳамин далел ронда мешаванд.

Моҳи гузашта президенти Русия дар мулоқоташ бо сарони ҳизбҳои Думаи давлатӣ масъалаи бекор кардани патент ва тариқи саҳмияҳо ба Русия овардани муҳоҷиронро баррасӣ карда буд.

РЕЗААХБОР

Аз 31-уми октябр то 3-юми ноябр дар як қатор минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе ҳолати ҳаво бад мешавад. Сабаб тӯфони чангу ғубор мебошад, ки аз самтҳои ҷануб, ҷанубу ғарб ва ғарб ба кишвар ворид мешавад. Атмосфераро зарраҳои майдаи овезон, аз ҷумла зарраҳои то 10 микрометр (PM-10) ва то 2,5 микрометр (PM-2,5) фаро мегирад. Мутахассисон ба шаҳрвандон тавсия медиҳанд, ки аз гаштугузори тӯлонӣ дар кӯчаҳо ва хусусан дар наздикии роҳҳои мошингард худдорӣ намоянд.

***

Тоҷикистону Қирғизистон барои ҳалли масъалаҳои об Комиссияи муштарак таъсис додаанд. Нахустин ҷаласаи он дар Душанбе бо иштироки намояндаҳои ҳарду кишвар баргузор шудааст. Тибқи низомнома, комиссияи муштарак бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Қирғизистон дар соҳаи истифодаи захираҳои об, таъмини дастрасӣ ба иншооти обӣ ва энергетикӣ ва барои пешгирӣ ва ҳалли масъалаҳои эҳтимолии идоракунии об таъсис ёфтааст.

***

28-уми октябр дар шаҳри Минск бо ташаббуси Тоҷикистон чорабинии вежа зери унвони «Ҳамоҳангии рӯйкардҳои ИДМ, САД ва СҲШ дар самти рафъи тундгароӣ: хатарҳо ва имкониятҳо» баргузор гардид. Дар он дабири кулли СҲШ, роҳбарияти котиботи ИДМ, САД, Маркази зиддитеррористии ИДМ, Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ, инчунин, намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои ИДМ ва Раёсати зиддитеррористии СММ иштирок намуданд.

***

Дар доираи татбиқи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040» дар Тоҷикистон зиёда аз 750 мутахассиси ҷавон омода гардидааст. Ҳамзамон, ба барномаҳои таълимии 10 донишгоҳи кишвар ихтисоси «зеҳни сунъӣ» ворид карда шуд. Ин нуктаро муовини якуми Сарвазири Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар конфронси байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ “AI Conf 2025”дар шаҳри Душанбе изҳор дошт.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



ШАҲРЕ, КИ АЗ ОВОЗА ОТАШ ГИРИФТ

Рӯзи дигар Муродуллоҳ Шерализода ба Душанбе омад. Ҳанӯз аз дур садои издиҳом ба гӯш мерасид. Вақте ба марказ расид, шоҳид гашт, ки садҳо одамон дар назди Кумитаи марказии Ҳизби коммунист ҷамъ омада буданд ва шиорпартоӣ доштанд.

Дар кӯчаҳо оромӣ ҳукмфармо, вале фазо пур аз нигаронӣ буд. Дар тамоми гӯшаю канори шаҳр як овоза садо медод: «Гурезаҳои арманӣ меоянд! Онҳоро дар хонаҳои нав ҷой медиҳанд!».

Овоза дар як шабу рӯз мисли оташ шаҳрро ба коми худ фурӯ бурда буд. Касе намедонист он аз кучо сарчашма мегирад, аммо ҳама медонистанд, ки ин овоза ба дили мардум тарсу норозигӣ меандозад.

Шерализода миёни мардум мегашт, мехост дарёбад, ки ҳақиқат кучост. Ӯ баъдтар дар ёддоштҳояш менависад:

«Ман ҳис мекардам, ки шаҳр нафастанг гаштааст. Мардум чизе мегуфтанд, ки худ ҳам ба он бовар надоштанд, аммо ҳамон шубҳа кофӣ буд, ки дилҳои оромро ноором созад».

Дар аввал ин гирдиҳамоӣ ором менамуд, ҷамъомадагон бо якдигар суҳбат мекарданд. Касе талаб мекард, ки «ҳақиқатро бигӯянд», дигаре бо овози баланд мегуфт:

«Хонаҳоро ба мо диҳанд, чаро ба дигарон медиҳанд?».

Ҳеҷ шиори сиёсию дағалӣ набуд, танҳо изҳори норозигӣ садо медод.

РӮЗИ АВВАЛИ ЭЪТИРОЗ

Рӯзи якшанбеи 11-уми феврали соли 1990 Душанбе ба як саҳнаи интизорӣ табдил ёфт. Шаҳр, ки одатан рӯзҳои истироҳат орому камҳаракат менамуд, он рӯз пурошӯб буд. Сарусадоҳо, гуфтугузорҳо танҳо сари масъалаи хона додан ба арманиҳо давр мехӯрд.

Ҳеҷ кас дақиқ намедонист, ки чӣ ҳақиқате пушти ин ҳарфҳо ниҳон аст, аммо шуълаҳои аз оштони овозаҳо парида интизори як сӯхтор буданд.

Охири рӯз, мардум як-як ба сӯи майдони назди бинои Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон равона мешуданд. Дар оғоз теъдодашон кам, вале то бегоҳ садҳо нафар ҷамъ омаданд.

Онҳо шиор надоштанд. Ин ҳанӯз оғози «сиёсат» набуд. Чеҳраҳо пур аз ноумедӣ ва ғазаби хомӯш буданд. Ҳама як чиз талаб мекарданд: ҷавоб ба саволи «Ба арманиҳо хона додан дурӯғ аст, ё ҳақиқат?».

Бегоҳӣ чанд намояндаи давлатӣ назди мардум баромаданд ва гуфтанд, ки масъала фардо баррасӣ мешавад. Соати 15:00 ҳамаи шикоятҳо шунида ва ҷавоб ба саволҳо дода мешавад.

Мардум ба ин ваъда бовар карданд. Онҳо оромона пароканда шуданд, бо умед, ки пагоҳ ҳақиқат кушода мешавад.

Аммо чаро фардо? Чаро имрӯз ҳақиқатро ба мардум нагуфтанд? Ӯ хост ба назди Қаҳҳор Маҳкамов дарояд.

Аммо роҳ барои ӯ баста буд. Қаҳҳор Маҳкамов дар иҳотаи кормандони мақомоти амниятӣ қарор дошт. Танҳо бо иҷозаи раиси КГБ Петкел ба назди ӯ роҳ ёфтан имконпазир буд. Баъдтар ӯ дар ёддоштҳояш менависад: «Ҳақиқат чизе нест, ки онро аз назари мардум пинҳон кунӣ. Гуфтани ҳақиқатро ба таъхир намегузоранд».

Душанбе он шаб ором намуд. Аммо ин оромии пеш аз тӯфон буд. Як шарора кофӣ буд, то сӯхтор доман паҳн кунад.

Мардум бо умеди мулоқоти фардо пароканда шуданд. Аммо ҳамин умед, ҳамин интизорӣ, ки метавонист сабаби оромӣ гардад, дар ниҳоят ба фоҷиа табдил ёфт.

Зеро рӯзи дигар на роҳбар, на каси дигар барои посух додан ба назди мардум набаромад.

Шаҳр мисли як кӯзаи пур аз оби ҷӯшон буд, ки гӯё сарпӯши он сахт маҳкам бошад. Дасти ноаён сарпӯшро боз сахттар пахш мекард ва оташи зери онро баландтар месохт. Ва ҳамин даст, ҳамин овозаҳо, ҳамин хомӯшии роҳбарон буд, ки Душанбе рӯзи дигар ба гирдоби ошӯб афтод.

РӮЗИ ФОҶИА

12-уми феврали соли 1990. Субҳи Душанбе. Шаҳр мисли ҳамеша аз хоб бедор шуд. Автобусҳо ба ҳаракат даромаданд, кӯдакон бо сумкаҳо сӯи мактаб, мардум ҷониби коргоҳҳо мешитофтанд. Аммо зери ин зиндагии одӣ як изтиробе пинҳон буд. Ҳама медонистанд, ки соати 15:00 мардум дубора назди бинои Кумитаи марказии Ҳизби коммунист ҷамъ хоҳанд шуд.

Аз субҳ дар назди бинои Кумитаи марказӣ низомиён пайдо шуданд. Аввал милисаҳо бо сипар ва калтакҳо, баъдтар сарбозон бо автомат. Онҳо зинаҳои дохили бино ва роҳравҳоро ишғол карданд.

Дар сари роҳ мошинҳои зирехпӯш истода буданд. Сукут ҳукмфармо буд, танҳо садои пойи сарбозон шунида мешуд. Пас аз нисфирӯзӣ мардум ҷамъ омаданд. Аввал бо оромӣ, баъд гурӯҳ-гурӯҳ. Чеҳраҳо пур аз умед буданд,

ки имрӯз ҳақиқатро мефаҳманд. Аммо Қаҳҳор Маҳкамов назди мардум набаромад.

Ӯ дар паси дарҳои бастаи Кумита менишаст. Ин дастур буд. Дастури раиси КГБ Владимир Петкел, ки ӯро аз мардум метарсонд: «Онҳо мусаллаҳанд, шуморо мепарронанд». Ва ҳамин тарс буд, ки роҳбарро дар паси девор нигоҳ дошт.

Мардум ба даромадгоҳи КМ наздик омаданд. Милиса бо сипару калтак роҳро баст. Аввал тела заданд, баъд калтакҳоро баланд карданд. Садои доду фарёд баланд шуд.

АЗ ДАФТАРИ ХОТИРОТИ ШЕРАЛИЗОДА:

«Ман дидам, ки чӣ гуна ҷавони якдаста, бо сарпӯши сиёҳ, бо пешонии хунолуд аз замин бархост ва боз ба пеш қадам гузошт. Ӯ дигар наметарсид, чун қонуни нонавиштаи майдон буд: вақте хун рехт, тарс аз миён меравад».

Мардум ба зинаҳои бино роҳ ёфтанд. Ва дар ҳамин лаҳза тирпарронӣ оғоз шуд. Аввал садои як тир. Баъд ду тир. Сипас борони тир. Чанд нафар ба замин афтоданд. Хун рӯйи барф рехт, барф ба сурхӣ печид. Дод, фарёд, гурезу ҳангома. Тибқи маълумотҳо, дар давоми он рӯз 26 нафар кушта шуданд. Беш аз 400 нафар захмӣ гардиданд. Душанбе дигар мисли пешин ором нашуд. Ва аз ҳамон рӯз роҳ ба сӯи ҷанги дохилӣ, тафриқаандозӣ, душмантарошӣ боз шуд, роҳе ки миллатро ба гирдоби хун, ашк ва ғаму андуҳ кашид.

СОЯҲОИ МАХФӢ

Фоҷиа рӯй дода буд. Аммо саволи асосӣ то имрӯз бечавоб монд: кист, ки аввалин шуда барои тир кушодан ба сӯи мардум фармон дод?

Ҳарчи бештар рӯзҳо мегузаштанд, ҳамон қадар рӯшан мешуд, ки дар паси ин ошӯб дастҳои ноаён амал мекарданд. Дастҳое, ки на танҳо воқеаҳои майдонро идора мекарданд, балки ҳушу шуури мардумро низ ба самти мутааллиқ ба худашон мебурданд.

Воқеан ҳам, ҳамон рӯзҳо овозаҳо бо суръати ғайримуқаррарӣ паҳн мешуданд. Гӯё дасте пинҳонӣ онҳоро роҳнамоӣ мекард.

Ҳар як овоза мардумро ба ваҳшат меандохт. Ва дертар маълум шуд, ки ҳамаи ин хабарҳо дурӯғ будаанд.

Аммо дар он рӯзҳои пурташвиш ин овозаҳо мисли ҳезуми хушк буданд, ки ба рӯйи оташ мерехтанд.

Абдулло Назаров, яке аз афсарони собиқи КГБ, ки баъдан ба мақоми генерал расид, дар мусоҳибаҳои аввалини худ мегӯяд:

«Баҳманмоҳро худи Кумита созмон дода буд. Ҳадаф ин буд, ки ҷомеаро тарсонанд, ҳаракатҳои миллиро суст кунанд ва қудрати коммунистиро ҳифз намоянд».

Саволи дигаре низ ба миён меояд: «Чаро ба Кумитаи амнияти давлатии ИҶШС зарур буд, ки чунин фоҷиаро роҳандозӣ кунад?»

Таърихнигорон посух медиҳанд: «Солҳои охири ҳукмронии Шуравӣ буд, нишонаҳои сукут равшан мегаштанд. Дар ҷумҳуриҳо ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ қавӣ мешуданд. Маскав аз эҳтимоли ҷудо шудани онҳо ҳарос дошт. Дар чунин ҳолат бехтарин роҳ барои ҳифзи қудрат тарсонидани мардум буд. Ва барои тарсонидан на танҳо тир, балки овозаҳо, таъсири равонӣ истифода мешуданд».

ҲУКУМАТИ ТАРСУ ВА РОҲБАРОНИ НОКОМ

Дар он рӯзҳои сарнавиштсоз Тоҷикистон роҳбароне дошт, ки мансаби баланд – «котиби якум», «раиси Шурои Олӣ», «раиси Шурои вазирон» доштанд, аммо рӯзе, ки миллат ба онҳо ниёзманд буд, худро паси девор гирифтанд.

Қаҳҳор Маҳкамов дар утоқи бастаи худ нишаста, ба ҳарфи сардори КГБ Владимир Петкел гӯш медод. Петкел ӯро аз мардум метарсонд.

– Онҳо мусаллаҳанд, – мегуфт,– шуморо мепарронанд.

Ин тарс ба қалби роҳбар роҳ ёфт. Ва роҳбар бо ҳамин тарс роҳи хунро кушод. Баъдан маълум шуд, ки на танҳо Маҳкамов, балки тамоми роҳбарони сатҳи аввал – раиси Шурои вазирон Иззатулло Ҳаёев ва раиси Шурои Олӣ Ғоибназар Паллаев низ дар паси парда нишаста будаанд. Ягон нафар чуръат накард, ки назди мардум барояд. Ҳукумат бо сукут ва пинҳон шудан аз саҳна мардумро танҳо гузошт. Дар он рӯзҳо, вақте ки майдон пур аз хун ва нолаи захмиён буд, роҳбарони кишвар дар қафои деворҳо паноҳ ҷуста, ба чашми мардум нанигаристанд. Ва ҳамин сукути роҳбарон боварии ҷомеаро ба давлат якбора шикаст.

Дар майдон бошад, низомиён бидуни роҳнамоии сиёсӣ амал мекарданд. Барои онҳо фармон аз боло бо як калима мерасид: «Оташ!». Ва тирҳо парронда шуданд. Баъдтар, вақте ҳаво аз бӯйи борут олуда шуд ва ҷасадҳо рӯйи барф хобиданд, Петкел дар китоби хотироти худ менависад:

«Фармони оташро худи Маҳкамов дод».


Аммо тафтишот инро исбот накард. Маълум гашт, ки сарварии ин амалиёти махфиро худи намояндаи марказ, раиси Кумитаи амнияти давлатии Тоҷикистон Владимир Петкел бар дӯш дошт. Ӯ ба ҳайси шахси калидӣ тамоми чорабиниҳои амниятиро роҳнамоӣ мекард, аз пушти парда ҳаракатҳои нерухои махсусро ҳамоҳанг месохт ва амрҳои ҳалкунанда медод. Ҳамин лаҳза равшан шуд, ки воқеа на танҳо як бетартибии кӯчагӣ, балки амалиёти тарҳрезишудаи мақомот буд, ки мақсади он нишон додани қудрат ва фишор ба ҷомеа буд.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

701 231 ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ ДАР РОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН

Ба ҳолати 1-уми октябри соли 2025



МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ



КАЛИДИ ЗИНДАГИИ УСТУВОР ВА МУСТАҚИЛ

Донистани қоидаҳои муносибат бо пул барои ҳар як шахс зарур аст. Чунки пул танҳо воситаи табодули молу хизматрасонӣ нест, он нишондиҳандаи сатҳи масъулият, фаҳмиш ва маданияти иқтисодии инсон мебошад.

ҚАДАМИ АВВАЛ

Бисёр вақт одамон гумон мекунанд, ки кор кардан ва пул гирифтан кофӣ аст. Аммо мутахассисони соҳаи молия бар ин назаранд, ки мустақилияти молиявӣ на танҳо қобилияти пул кор кардан аст, балки қобилияти дуруст истифода бурдан ва нигоҳ доштани он мебошад. Зеро шахсе, ки маблағи худро бе нақша сарф мекунад, ҳатто агар даромади зиёд ҳам дошта бошад, дер ё зуд ба мушкил дучор мешавад. Бинобар ин, қадами аввал дар мустақилияти молиявӣ таҳияи буҷет аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар сомонӣ бояд дар ҷойи муайян бошад: қисми харочот, пасандоз ва сармоягузорӣ.

ҚАДАМИ ДУЮМ

Дар ҷомеаи мо ҳисси дилсӯзӣ ва кумак ба дигарон бисёр қавӣ аст. Албатта, ин хислати хуб аст. Аммо, коршиносон таъкид мекунанд, ки кумак бояд омӯзанда бошад, на вобаста кардан. Табиати инсонӣ чунин аст, ки баъзан ёрмандӣ аз як тараф мушкилро осон мекунад, аз тарафи дигар шахсро танбалу муфтхӯр ва пойбанд мегардонад. Мо аксар вақт ба одамоне пул медиҳем, ки дар ҳолати душвор зиндагӣ мекунанд. Аммо беҳтар он аст, ки онҳоро омӯзонем, то чӣ гуна кор ёбанду маблағро идора кунанд. Вақте инсон бо заҳмати худ ризқ меёбад, арзиши онро медонад ва мустақил мешавад.

Ин гуна муносибат на танҳо ба шахси эҳтиёҷманд, балки ба ҷомеа низ судманд аст. Зеро фарҳанги кумакрасонӣ ва масъулиятшиносӣ ташаккул меёбад.

ҚАДАМИ СЕЮМ

Маърифати молиявӣ танҳо барои имрӯз нест. Он ба мо ёд медиҳад, ки барои фардо фикр кунем. Барои таълими фарзандон маблағ ҷамъ кунем, барои ояндаи худ, махсусан пирӣ пасандоз дошта бошем. Ҳамчунин, аз хавфҳои ногаҳонӣ, масалан, беморӣ ё талафоти мол худро ҳифз намоем. Коршиносон тавсия медиҳанд, ки ҳатто бо даромади миёна ҳам метавон пасандоз кард. Шахсе, ки медонад пулро чӣ тавр ба даст орад, чӣ гуна онро ҳифз кунад ва дар кучо истифода барад, ҳамеша озод ва ором аст.

Тавре коршиноси молия Муҳаммадҷон Раҳимов таъкид мекунад:

«Илми молиявӣ на барои бой шудан, балки барои ором зистан аст. Вақте инсон сарвату дороияшро идора карда метавонад, зиндагии ӯ таҳти назорати худаш қарор мегирад, на зери фишори дигарону қарз...». Агар ҳар як шахс маърифати молияviро ёд гирад ва амал кунад, на танҳо худ сарватманд мешавад, балки ба ҷомеа низ таъсир мерасонад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ТИҶОРАТ

$8 МИЛЛИАРД ГАРДИШИ САВДОИ ХОРИҶӢ ДАР 9 МОҲ

Дар нуҳ моҳи соли 2025 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон ба зиёда аз 7,8 миллиард доллар баробар шудааст.

Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, содироти кишвар 1,8 миллиард доллар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30% зиёд аст. Асоси содиротро маҳсулоти маъданӣ, фулузоти арзон ва қиматбаҳо, инчунин маҳсулоти растанӣ ташкил медиҳанд.

Дар ҳамин ҳол, ҳаҷми воридот ба ҷумҳурӣ беш аз 6 миллиард доллар мебошад, ки нишон медиҳад тавозуни савдо ҳамоно ба нафъи воридот мондааст.



МАКТАБИ БА НОМИ ПРЕЗИДЕНТ

Гузориш аз сафари Президент ба Данғара

МАКТАБИ МУОСИР БА НОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Данғара Мактаби миёнаи умумии №1 ба номи Пешвои миллат мавриди истифода қарор гирифт. Иншоот аз 4 ошёна иборат буда, барои 3420 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Мактаб дорои 57 синфхона, 24 кабинети фаннӣ, озмоишгоҳҳои замонавӣ, 46 компютер бо интернет, китобхона ва синфхонаҳои мусиқӣ мебошад. Дар муассиса Осорхонаи Пешвои миллат таъсис ёфта, беш аз 100 экспонат аз ҳаёт ва фаъолияти Эмомалӣ Раҳмонро аз давраи мактабӣ то роҳбарии давлат дар бар мегирад.

Танҳо дар як соли охир дар ноҳияи Данғара 5 муассисаи таълимӣ бо 8 ҳазор ҷои нишаст бо саҳми соҳибкорон сохта шудааст, ки гувоҳи рушди босуръати соҳаи маориф дар кишвар аст.

МАРКАЗҲОИ САЛОМАТӢ

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Раҳмониёни ноҳияи Данғара бинои нави Маркази саломатиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити кор ва хизматрасонии он шинос шуданд. Маркази нави саломатӣ сеошёна буда, аз шуъбаи таваллуд бо 10 кати хоб барои модару кӯдак, 46 хучраи корӣ, аз ҷумла барои табиби дандон, ташхиси ултрасадо, тиби оилавӣ, ҷарроҳӣ, ташхиси дилу рагҳо, амрози занона ва хучраҳои ёрирасон иборат мебошад.

Дар деҳаи Рахшонзамин бошад, бинои Маркази саломатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Марказ аз ду ошёна, 7 хучраи табобатӣ, 13 хучраи корӣ, 3 хучраи таваллуд ва 7 кати хоб иборат аст.

КИТОБХОНА БО ТАРҲУ НАМОИ МУОСИР

Китобхонаи бо тарҳу намои муосир дар деҳаи Ғарғара низ бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз намуд.

Иншоот бо ҳадафи тақвияти дониш ва иттилооти аҳолии деҳот, омӯзиши илмҳои замони муосир ва омодагии довталабон ба сабқатҳои зеҳнӣ аз ҷониби соҳибкор Ҷомии Абдураҳмон сохта шудааст. Дар китобхона 10 ҳазор адабиёти гуногун мавҷуд аст. Дар китобхона омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, чинӣ, олмонӣ ва илмҳои дақиқ бо ҷалби омӯзгорони дорои дониш ва таҷрибаи баланди касбӣ гузаронида мешавад.







МАКТАБИ НАВ ДАР ДЕҲАИ АЛИҶОН

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89 дар деҳаи Алиҷони деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва саҳми соҳибкорони ватандӯст бунёд ёфтааст. Он барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Дар китобхонаи муассиса беш аз 1500 адабиёти илмию бадеӣ маҳфуз аст ва хонандагон бо китобҳои дарсии нав таъмин гардидаанд.

ФАБРИКАИ МУОСИРИ МУРҒПАРВАРӢ ДАР ПУШИНГ

Дар деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара корхонаи нави парандапарварӣ бо номи “Парандаи Пушинг” ифтитоҳ гардид. Ин корхона аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ таъсис ёфта, имкони парвариш ва нигоҳдории 40 ҳазор сар чӯҷаро дорад. Корхона дар масоҳати 23 695 м² бо фермаҳои муосир, қитъаҳои махсуси нигоҳдорӣ ва коргоҳи хӯроки омехта мучаҳҳаз шудааст. Ҳамзамон, 165 панели офтобӣ барои таъмин намудан бо нерӯи барқ насб гардида, ҳар рӯз 380 кВт/с нерӯ истеҳсол мекунанд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ иброз доштанд, ки таъсиси чунин корхонаҳои парандапарварӣ барои баланд бардоштани сатҳи таъминот бо маҳсулоти ватанӣ аҳамияти калон дорад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифати истеҳсоли худӣ таъмин шуда, ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ муҳайё гардад.

ЧОР ГАРМХОНАИ НАВ БО САҲМИ ХОЛМАТОВҲО

Чор гармхонаи наву муосири хоҷагии деҳқонии Восеъ дар деҳоти Пушинг бо иқдоми соҳибкорони маҳаллӣ, оилаи Холматовҳо бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сохта шудааст.

Масоҳати умумии гармхонаҳо 10 садяк заминро ташкил дода, дар он тамоми инфрасохтори зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва ҷамъоварии маҳсулот фароҳам аст. Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ дидан намуданд. Дар намоиш намунаҳои беҳтарини маҳсулоти худӣ, аз ҷумла сабзавоту меваҷот, зироатҳои ғалладона ва маҳсулоти ҳамин гармхона пешниҳод шуданд.

КӮДАКИСТОНИ “ГУЛИСТОН”

Муассисаи томактабии “Гулистон” аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсти ноҳияи Данғара дар пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бунёд ёфтааст. Он дорои 16 хучраи машғулият ва иншооти ёрирасон буда, ҳар кадоми он бо таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои таълимӣ мучаҳҳаз гардонида шудааст.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо омӯзгорон ва масъулон онҳоро барои ба роҳ мондани таълими босифат, ташаккули шахсият, омӯзиши донишҳои муосир ба хонандагон, тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ ва аз хурдӣ ҷой додани эҳтирому садоқат ба обу хоки аҷдодӣ дар қалби онҳо дастуру ҳидоятҳо доданд.

БИНОИ НАВИ ҶАМОАТИ ДЕҲОТИ ПУШИНГ

Дар деҳаи Пушинг бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави ҷамоати деҳоти Пушинг ба истифода дода шуд. Ин бино дуошёна буда, 10 хучраи корӣ ва як маҷлисгоҳ бо 90 ҷойи нишаст дорад. Сохтмон бо саҳми соҳибкори маҳаллӣ Диловар Шарифзода анҷом ёфта, шароити муосири кориро фароҳам меорад.

Пешвои миллат таъкид карданд, ки кормандон бояд аз имкониятҳои бино самаранок истифода бурда, ба ичрои софдилонаи вазифаҳо, риояи қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

ҚАСРИ НАВИ ФАРҲАНГ ДАР ПУШИНГ

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғара дар деҳаи Пушинг Қасри нави фарҳангро ифтитоҳ карданд. Қасри фарҳанг дорои як толори калон бо 500 ҷойи нишаст, китобхона ва хучраҳои машқу тамрин мебошад. Иншоот барои фаъолияти аҳли фарҳангу ҳунар ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ сохта шудааст. Иншооти муосир имкониятҳои мусоид барои тарбияи истеъдодҳои ҷавон дар санъат, фарҳанг ва ҳунарҳои миллӣ фароҳам меорад. Қаср аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст ва ҷавонони бунёдкор дар мавзеи зеботарини деҳаи Пушинг бунёд гардидааст.

Дар паҳлуи Қасри фарҳанг дар майдони 800 метри му-



раббаъ гулгашти фарҳангӣ бо ниҳолҳои нодир ва гулҳои мавсимӣ сохта шудааст. Бино бо шабакаи алоҳидаи гармидиҳӣ ва салқинкунӣ муҷаҳҳаз мебошад.



МАКТАБИ НАВ ДАР ПУШИНГ

Дар деҳаи Пушинг Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 88 ба номи Қосим Сироҷ бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон расман ифтитоҳ гардид. Мактаби нав бо мақсади наздик сохтани муассиса ба аҳолӣ, бартараф кардани мушкилоти ҷойи нишаст ва ба кор ҷалб намудани омӯзгорони ҷавон сохта шудааст. Сохтмони он аз ҷониби гурӯҳи соҳибкорони деҳаи Пушинг анҷом ёфтааст. Пеш аз бунёди мактаби нав, қисме аз хонандагон маҷбур буданд 3-4 километр роҳро тай намуда, дар дигар мактаб таҳсил кунанд.

Омӯзгорони ҷавони фанҳои физика, химия, биология ва забонҳои хориҷӣ, ки аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Бадахшон ба мактаб ҷалб шудаанд, аз роҳандозии ин иқдом руҳбаланд гардида, ба Сарвари давлат ваъда доданд, ки барои таълиму тарбияи насли ҷавон саҳми босазо хоҳанд гузошт.

КӮДАКИСТОНИ №11 ВА 8,5 КИЛОМЕТР РОҲИ НАВ

Дар деҳаи Пушинг Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 11 ва 8,5 километр роҳҳои дохили деҳа тариқи фосилавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 11 дар деҳаи Пушинг аз ҷониби соҳибкорон сохта шуда, барои 150 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Навсозии 8,5 километр роҳи деҳаи Пушинг мушкилоти мардумро бартараф ва сатҳи хизматрасониро ба аҳолӣ осон гардонид.

Сохтмони роҳи мошингард ва корҳои соҳилбандӣ дар кӯтоҳтарин муҳлат бо ҷалби коргарони маҳаллӣ ва техникаи соҳавӣ бо сифати баланд анҷом дода шуда, дар ду шафати роҳ баробари насби сутунпояҳои равшанидиҳанда, ҳамзамон дар масофаи 3 километр қубурҳои обгузар хобонида шудааст.

МАНЗИЛҲОИ БАРОҲАТ БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара се бинои дуошёнаи истиқоматӣ барои омӯзгорони ҷавон ба истифода дода шуд. Ин биноҳо, ки аз ҳисоби соҳибкорони деҳа ва бе истифодаи маблағҳои буҷетӣ сохта шудаанд, барои 40 омӯзгор шароити муосир барои зиндагӣ фароҳам меоранд.

Нахуст 11 омӯзгори ҷавон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тибқи квотаи Президентӣ соҳиби манзил шуданд ва ба таълим дар фанҳои дақиқ ва забонҳои русиву англисӣ дар муассисаҳои таълимии деҳаи Пушинг шуруъ карданд. Ҳамзамон, 10 омӯзгори дигар аз Хатлон, Суғд ва минтақаҳои дигари кишвар тавассути озмун ба кор ҷалб шуда, бо манзилҳои истиқоматии замонавӣ таъмин мешаванд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси соҳибкоронро намунаи ибрат арзёбӣ намуда, ба онҳо барои дастгирии омӯзгорони ҷавон ва саҳмгузорӣ дар рушди таълим изҳори сипос карданд.

КОРХОНАИ ХИШТИ ДАНҒАРА

Иншооти саноатӣ аз ҷониби Ширкати ватании «Тоҷвар» сохта шуда, иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз 120 ҳазор дона хишти пухтаро ташкил медиҳад. Хишти ин корхона бо таҷҳизоту технологияи муосири даврзананда истеҳсолу пухта мешавад.

Истифодаи 3 намуди ашёми хом - хоки сафед, гили сурх ва хокаи ангишт дар корхонаи нави саноатӣ имкон медиҳад маҳсулоти босифати ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол шавад.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло дар кишвар 160 корхонаи хишти пухта мавҷуд аст. Ба кор оғоз намудани Корхонаи хишти ноҳияи Данғара дар оянда таъминкунандаи асосии маҳсулоти сохтмонӣ ва рушди тадбирҳои созандагӣ дар ин ва дигар ноҳияҳои наздик мегардад.

МАВЗЕИ НАВИ САНОАТӢ БО СЕ КОРГОҲИ ИСТЕҲСОЛӢ

Дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мавзеи нави саноатӣ бо се коргоҳи истеҳсолӣ ба истифода дода шуд. Дар ин корхонаҳо маводи ғизоӣ, намудҳои гуногуни либос ва қубурҳои пластикӣ истеҳсол карда мешавад. Зимни муаррифии маҳсулоти корхонаҳои санотӣ маълумот дода шуд, ки ҳоло дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара номгӯи зиёди маводи ғизоӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва либос истеҳсол карда мешавад.

Ҳамаи иншооте, ки дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара ба истифода дода шуданд, бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ, аз ҳисоби соҳибкорону сокинони ҳимматбаланди деҳа бунёд гардидаанд.

Дар маҷмуъ, зимни сафари корӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Данғара беш аз 30 корхонаву муассисаҳо мавриди истифода қарор дода шуданд.

АЗ АСЪОРИ МУШТАРАК ТО РОҲИ ОҲАН

Дар мулоқоти Масъуди Пизишкиён ва Рамазон Раҳимзода кадом масъалаҳо баррасӣ шуданд?

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Раисҷумҳури Эрон ҳамчунин пешниҳод кардааст, ки барои густариши робита байни соҳибкорон, сармоягузорон, намояндагони соҳаҳои фарҳанг, илм ва тиб созмони вежаи ҳамкорӣ байни Эрон ва Тоҷикистон таъсис дода шавад. Ин иқдом, ба гуфтаи ӯ, метавонад ҳамкориҳои дуҷонибаро ба сатҳи нав бардорад ва ба рушди минтақа мусоидат кунад.

ТАҲКИМИ АМНИЯТ

Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода таъкид намудааст, ки ҳамраъйӣ, амният ва рушди устувор омили асосии таҳкими муносибатҳои ду кишвар ба ҳисоб мераванд.

«Мардумони Эрон ва Тоҷикистон дорои фарҳанг, одоб ва суннатҳои муштараканд ва муносибатҳои дуҷониба дар ҳамаи самтҳои зарурӣ васеъ мегарданд»,- гуфтааст Раҳимзода.

Ба гуфтаи ӯ, таъмини амният ва мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ, аз қабили терроризм ва қочоқи маводи мухаддир бояд яке аз самтҳои асосии ҳамкории муштараки ду кишвар бошад.

РОҲИ ОҲАНЕ, КИ ЭРОНРО БА ТОҶИКИСТОН МЕПАЙВАНДАД

Дар идома раиси Роҳҳои оҳани Эрон Ҷабборалӣ Зокирӣ низ аз оғози ҳаракати қаторҳои боркаши Эрон тавассути масирҳои кишварҳои ИДМ дар ду ҳафтаи оянда хабар дод.

Ба иттилои Оҷонсии Voice and Image, ин иқдом дар асоси тавофуқи миёни роҳҳои оҳани Эрон ва Ӯзбекистон амалӣ шуда, ба густариши ҳамлу нақли байналмилалӣ ва таҳкими “дипломатияи роҳи оҳан” равона гардидааст.

Ҳадафи асосии ин лоиҳа афзоиши ҳаҷми боркашонӣ тавассути долонҳои Шимол - Ҷанубӣ ва Шарқ - Ғарб мебошад, ки метавонад нақши муҳиме дар пайвастани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шабакаҳои асосии тиҷорати байналмилалӣ бозад. Ин роҳ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон тариқи Туркманистон ва Ӯзбекистон ба Эрон бипайвандад.



ХУЛОСА

Пешниҳоди таъсиси асъори муштарак ва Созмони ҳамкории соҳибкорони Эрону Тоҷикистон аз ҷониби раисҷумҳури Эрон Масъуди Пизишкиён, дар баробари густариши шабакаҳои нақлиётӣ ва ҳамлу нақли минтақавӣ, метавонад сатҳи нави ҳамгироии иқтисодиро байни Тоҷикистону Эрон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ фароҳам оварад. Ин ташаббусҳо, ба андешаи таҳлилгарон, на танҳо муносибатҳои дуҷонибаро тақвият мебахшанд, балки ба рушди устувор, амнияти иқтисодӣ ва ҳамкории стратегӣ дар саросари минтақа заминаи воқеӣ мегузоранд.

ҶӮЙИ МӮЛИЁН КУҶО ШУД?

Қайдҳои сафар аз Самарқанду Бухоро

Сафари индафъаинаи Бухоро бо ташаббуси мизбону роҳбалад ва ҳамкасбамон профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ҷумъа Ҳамроҳ, ки баҳорон ҳангоми дидор дар Душанбе, тобистон ба тамошои Бухоро бурдани моро ваъда карда буд ва телефонӣ батакрор исрор мекард: - «Ана, моҳи август аз нимаш гузашт, таътил тамом нашуда биёед, шасти гармои Бухоро ҳам паст шудааст…» - сурат гирифт.



Мурод Муродӣ, Қироншоҳ Шарифзода, Ҷумъа Ҳамроҳ, Таваккал Чориев

ЧОЙРО ДАР КАРМИНА МЕНӮШЕМ…

Субҳи солеҳи як рӯзи даҳаи севуми август бо нияти зиёрату тамошои Бухорои Шариф, бо хатсайри Душанбе - Панҷакат, 6 нафар дар як мошин, то марзи Ӯзбекистони ҳамсоя ҳамсафар буданро фоли нек ҳисобида, ба роҳ баромадем...

Дар ҷойи ваъдагӣ, назди қаҳвахонаи “Лаби ғор”-и шаҳри Самарқанд, ки дар рӯ ба рӯйи Регистон воқеъ аст устодон Ҷумъа Ҳамроҳ, Адаш Истад ва ронанда Шоҳимардон мунтазирамон буданд. Акои “Ҷумъабойи беқарор” (ибораи устод Адаш Истад) ҷавобан ба даъвати шарикдарсашон “ҳу ана, хонаи мо, дур нест, аз ҳамин ҷо панҷоҳ қадам, як пиёла чой гирифта мераветон”, “чойро насиб бошад, дар Кармина мехурем, ҳоло, ки дами ҳаво сахт гарм нест, раҳакӣ шавем, бехтар”, - гуфта, дарҳои мошинро кушод...

ДАР КАРМИНА ЧӢ ДИДЕМ?

Шоҳроҳи Самарқанд - Бухоро бо тӯли 274 километр, бо вучуди аз дашти гӯё беохири дилбазан гузаштан, чун дигар роҳҳои байнишаҳрии кишвари ҳамсоя мумфаршу ҳамвор, бо чароғакҳои роҳнамову дастгоҳҳои суръатсанҷ мучаҳҳаз, ҳарҷо-ҳарҷо бо нуқтаҳои сӯзишворифурӯшӣ, чойхонаву қаҳвахонаҳои хурду калони канори роҳ, хастагии роҳи даштиро чуброн мекунад. Бо назардошти аз ду шаҳри калони ободу зебо - Каттақӯрғон (тибқи маълумоти муаррихи сайёҳи асри 12 муаллифи китоби «Китоб ал-ансоб»-и Абдулкарими Самъонӣ пештар Кушония ном дошта, аз ноҳияи Самарқанд дувоздаҳ фарсах дуртар мавқеъ доштааст) ва Навоӣ (шаҳраки Карминаи қадима), дар фосилаи 140 километр аз Самарқанд, минтақаҳои дорои ёдгориҳои қадима убур кардани шоҳроҳ, дар фосилае роҳ кас беихтиёр аз мошин пиёда шудан мехоҳад.

Кармина шаҳраки дар қисмати шимолии шаҳри Навоиии Ҷумҳурии Ӯзбекистон тақрибан дар 140 километрии Самарқанд, 100 километрии Бухоро, ҷойгир аст. Ин шаҳраки қадима бо силсилаи ёдгориҳои таърихӣ, бахусус Оромгоҳи амирони манғитии Бухоро таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ мекашад...

Маҷмааи Оромгоҳи амирони манғитии Бухоро ёдгории таърихии нисбатан нав аст, ки дар замони истиқлол бо ташаббус ва маблағгузории ҳукумати ҷумҳурӣ тармиму навсозӣ шудааст. Корҳои тармиму таҷдид дар он идома дорад.

Дар Оромгоҳ қабри Сайид Абдулаҳадхон - амири ҳаштум аз сулолаи манғитияи Аморати Бухоро, солҳои ҳукмрониаш 1885-1910, барҷастатар аст. Ӯ 16 марти соли 1859 дар Кармина ба дунё омада, 6 январи соли 1911 дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Вориси Сайид Абдулаҳадхон, писараш, амири охирини Бухоро Муҳаммад Олимхон 11 январи соли 1911 ба тахти салтанат нишаста, тибқи васияташ ӯро дар ҳамин ҷо дафн кардааст.

Абдулаҳадхон соли 1873 дар синни 14-солагӣ беки Кармина таъйин гардид. 15 майи (27 май) соли 1883 дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус - Александри III иштирок намуд ва подшоҳи Русия ӯро валиаҳди тахти салтанати Бухоро эълом кард. Абдулаҳадхон соҳибмаърифат буда, забони форсӣ-тоҷикиро хуб медонист; ба забонҳои арабӣ ва русӣ низ такаллум мекард. Абдулаҳадхон ба адабиёту мусиқӣ низ рағбат дошта, бо тахаллусҳои «Масъуд» ва «Оҷиз» шеър менавишт; ба мусиқии урфии касбии тоҷикии «Шашмақом» таваҷҷуҳи хос дошта, сози мусиқии танбӯрро хуб менавохт. Намунаи ашъори Абдулаҳадхон дар баъзе баёзҳо гирдоварӣ шуда, дар Ганҷинаи дастхатҳо ва мероси хаттии АМИ ҶТ маҳфуз мебошанд.

Дар девори қабри амир Абдулаҳадхон марсияи пурсӯзи амири ҷавон Олимхон бо забони форсии тоҷикӣ, хати настаълиқ (15 байт) ҳаккокӣ гардидааст, ки чунин аст:

Эй дил чу нест дори
ҷаҳон ҷойи итминон,
Ҳаргиз мабанд дил ба
таманнои ин ҷаҳон.
Бингар чи гуна рафт сӯи
равзаи наим,
Саййид Амир Абдулаҳад
шоҳи он замон.
Пажмурда гашт рӯи
гулаш, вой сад дареғ,
.....
Рӯйи фалак ба дуди
надомат сиёҳ шуд,
Рӯзе, ки рафт, он шаҳи
барно аз ин миён
Барги дарахти умр фурӯ
рехт дар хазон.
Сад ҷӯйи хун равон шавад
аз рӯди чашмҳо,
Ҳар ҷо касе, ки шарҳи
вафоташ кунад баён.
Дурдонае ба баҳри
карам ҳамчу ӯ набуд,
Дар хоки тира ҳайф
бувад гавҳаре чунон.
Дар гулситони фазлу
сухан буд андалеб,
Воҳасрато, ки рафт
аз ин боғу бӯстон!
Хонад ҳадиси “мота
ғарибан” ба сӯзи дил,
Ҳар кас, ки турбаташ
ба зиёрат кунад нишон.
Кард аз ғами мусибати ӯ
ҷайби фоқа чок,
Фарзанди арҷманд,
вале аҳди навҷавон.
Фармуд то ба соли
вафоташ рақам кунад,
Мунший ба оҳу нолаву бо
ҳасрату фиғон.
Аз рӯи қурб шуд рақами
фавти ӯ чунин:
“Бошад мақоми он шаҳи
маъсум дилу ҷон!”
Тағйирро ба олами
тақдир роҳ нест,
Тадбир чист? Ҳар чӣ
Худо хост шуд ҳамон.
Касро ба рӯзгор умеди
ҳаёт нест,
Хок аст ҷисми мову
бувад оқибат аз он.
Омӯрзишаш зи холиқи
омурзгор бод,
Бо ҳур дар биҳишти
баринаш бувад макон.
Рӯён зи хоки марқади
ӯ ғунчаи қабул,
Ё Раб, чу баҳри раҳмати
ту ҳаст бекарон!

Тамошову зиёрати ёдгориҳои таърихии Кармина бо воҳӯрии хушоянду масарратангез ва суҳбати сари як пиёла чой бо ҳамкасб, шиноси деринамон, собиқ профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро, собиқ вакили палатаи қонунбарори Парлумони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳоло проректори Донишгоҳи давлатии Навоӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Таваккал Чориев поён ёфт, ки хушхабари эшон – ба гурӯҳи тоҷикии навтаъсис дар Донишгоҳи давлатии Навоӣ, пазируфта шудани 16 тан аз довталабон, ба мо руҳу тавони тоза бахшид.

ДАР ЗОДГОҲИ УСТОД АЙНӢ

Роҳамон ба Бухоро аз Ғиждувон мегузашт, бинобар ин, бо ҳидоят аз рустои Соктаре, зиёрати Хона-музейи (осорхонаи) устод Айнӣ бароямон амри воҷиб буд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и безаволаш зодгоҳашро батафсил тасвир карда, мавқеи ҷойгиршавии онро дақиқ нигоштааст: «Деҳаи Соктаре. Ин деҳа аз тобеоти райони Ғиждувон буда, як фарсах – 8 километр дуртар аз маркази район ва дар тарафи шарқии он, дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст. ...Тавалludи ман дар деҳаи Соктареи райони Ғиждувон воқеъ шуда, айёми бачагии томактабиам тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст». (Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 саҳ. – С.5–9).

Ҳарчанд имрӯз дарёи Зарафшон то Ғиждувону Бухоро наметарасад, аз ишоралавҳҳои канори роҳ ёфтани Соктаре мушкил надорад, вале деҳа тули даҳсолаҳои охир доман паҳн карда, бо афзудани аҳолӣ ба шаҳраки бисёрмаҳалла табдил ёфтааст. Медонистем, ки Осорхонаи устод Айнӣ дуртар аз роҳи калон, дар маҳаллаи Сайидкенти дарунтари шаҳрак, бо сурағаи кӯчаи Садриддин Айнӣ ҷойгир аст, аз ин ҷо, ду-се кӯчаро давр зада, ба манзил расидем. Баъди бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз 5-уми декабри соли 2024 ба феҳристи маконҳои сайёҳии шаҳри Бухоро ворид шудани Осорхонаи Садриддин Айнӣ, сардафтари адабиёти муосири тоҷик, дар зодгоҳи ӯ – Соктареи ноҳияи Ғиждувон, дар даромадгоҳи Соктаре бо забонҳои ӯзбекиву тоҷикиву англисӣ ишоранавиштае ба маънои «Ёдгории таърихӣ - Осорхонаи Садриддин Айнӣ» навиштаву овехтан кори савобе мебуд.

Моро мутасаддии Хона-музейи устод Айнӣ, бонуи хушзабон Робия Сайфуллоева бо чеҳраи кушод истиқбол намуда, ба дохили хона роҳбаладӣ кард.


Аз нақли Робия-ойтӣ, бунёди Осорхона бо мақсади шиносоӣ бо рӯзгору осор, нигоҳ доштани мероси устод Айнӣ, бо ташаббуси хешу таборон аз соли 1958 оғоз ёфта, соли 1962 расман ифтитоҳ гардидааст. Чизу чорабиниҳои шахсӣ, дигар ашёҳои рӯзгор, дастхати асарҳо чун нигорабиниҳои осорхона аз ҳаёти мушкили овони бачагӣ ва фаъолияти пурсамари овони баркамолии устод Айнӣ ҳикоят мекунанд.

Робия-ойтӣ бо эҳсоси қаноатмандӣ нақл мекунад, ки: солҳои охир таваҷҷуҳи ҳам мақомоти расмӣ ва ҳам аҳли ҷомеа ба фаъолияти осорхона зиёд шудааст, теъдоди сайёҳони дохилию хориҷӣ низ афзудан дорад.

Бо мақсади гармтар шудани гуфтугӯ, рафти суҳбатро ба хешу таборони дар деҳа будаи устод Айнӣ баргардонидем. Робия-ойтӣ ҳам гӯё ин суолро мунтазир буд, бо майли том ҷавоб дод:

– Дар Соктаре аз аберахои Муҳиддинхоҷа - бародари устод Айнӣ, Нигина Муслиҳиддинхӯҷа, Муҳсин, Малоҳат бо фарзандонашон зиндагӣ доранд. Худам наберакелини Муҳиддинхоҷа мебошам.

(Давомаш дар саҳ. 13)



Осорхонаи устод Айнӣ дар Соктаре

ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ АЛАЙҲИ ФАРҲОД НАЗАРОВ, ОМӮЗГОРЕ, КИ МЕҲМЕД БОЗОРОВ, ХОНАНДАИ СИНФИ 11-И ЯК МАКТАБИ ШАҲРИ ЛЕВАКАНТРО “ЯК ШАППОТӢ” ЗАДА БУД, БА СУД ИРСОЛ ШУД. ГУМОНБАР, ЯЪНЕ МУАЛЛИМ ГУФТААСТ, КИ ВАКИЛИ ДИФОЪ НАХОҲАД ГИРИФТ.





ПАРВАНДАИ МУАЛЛИМ БА СУД РАФТ, ВАЗОРАТ ӮРО ТАНҲО НАМЕГУЗОРАД...

Худи омӯзгор субҳи имрӯз ба “Азия-Плюс” гуфт, ки чанде пеш ба Додситонии шаҳри Левакант рафта, бо чузъиёти парвандааш ошно шудааст.

“Парвандаро доданд, хондам. Раванди ҳодиса навишта шуда буд. Ягон ҳарфи зиёдатӣ набуд. Дар зераш имзо гузоштам. Муносибати кормандонаш ҳам хуб буд, бо ман муомилаи нағз доштанд. Гуфтанд, ки парвандаат ба суд меравад”,- гуфт Фарҳод Назаров.

Ба гуфтаи омӯзгор, парвандааш ба додгоҳ рафтааст, вале то ҳол рӯзи мурофиа муайян нашудааст. Интизор меравад, ки моҳи ноябр ин парванда дар Додгоҳи шаҳри Левакант баррасӣ шавад.

Ба иттилои тасдиқшуда, алайҳи Фарҳод Назаров бо моддаи 174-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз кардаанд. Ин модда аз 52 ҳазору 500 то 75 ҳазор сомонӣ (аз 700 то 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) ҷарима ё аз 1 то 2 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

Фарҳод Назаров қаблан гуфта буд, ки имконияти пардохти чунин ҷаримаро надорад.

“Бале, иқрор ҳастам, ки хонандаро задам, вале бесабаб набуд. Чунин тавоноӣ ҳам надорам, ки ҷаримаро пардохт кунам”,- гуфта буд омӯзгор.

Аз Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон мегӯянд, ки Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон раванди парвандаро пайгирӣ дорад ва вазорат “омӯзгорро танҳо намегузорад”.

БОЗДОШТИ СЕ МАРД БО ГУМОНИ ФУРӮШИ МАВОДИ МУХАДДИР

Пулиси Душанбе се мардро бо гумони машғул шудан ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир боздошт кардааст.



Ин ниҳод аз гумонбарон Қутбиддин Қурбонов, сокини 50-солаи шаҳри Турсунзода, Олим Бобоев, сокини 55-солаи шаҳри Панҷакент ва Ҷумахон Ҷурахонов, сокини 58-солаи шаҳри Душанбе ном бурда, гуфтааст, ки аз онҳо 36 кг маводи мухаддири навъи “афюн” дарёфт ва мусодира шудааст.

Мақомот гуфтаанд, ки боздоштшудаҳо маводи мухаддирро аз дигар гурӯҳи нашъаҷаллоб қабул карда, дар ҳудуди вилояти Суғд фурӯхтан мехостаанд. Назари гумонбарон дар пайванд ба ин гуфтаҳои мақомот маълум нест.

Алайҳи онҳо бо иттиҳоми “муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор” (моддаи 200-и КҶ) парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Тибқи қонун, барои ин иттиҳом то 5 сол зиндон пешбинӣ гардидааст.

МОДАРИ ӲГАЙ ДУХТАРРО БА ХУДКУШӢ РАСОНИД

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон бар зидди як зани 28-сола аз ноҳияи Шаҳристон бо иттиҳоми ба худкушӣ расонидани духтарандари 15-солааш парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст.



Дар баёнияи вазорат аз рӯзи 24-уми октябр омадааст, ки ин навҷавон рӯзи 13-уми октябр худро дар хонаашон ба дор овехтааст. Дар ин баёния омадааст: “Дар номае, ки марҳум пеш аз маргаш навиштааст, таъкид намудааст, ки ба муносибати бераҳмонаи модари ӯгаяш тоқат карда натавониста, роҳи халосиро дар худкушӣ кардан донистааст”.

Назари муттаҳам ба ҷиноят маълум нест, ки оё навиштаҳои наврасро рад мекунад, ё не.

Ба қавли вазорат, санҷиши муфаттишон нишон додааст, ки навҷавони ҳанӯз ба балоғат нарасида ба муомилаҳои пайвастаи бераҳмона ва мунтазам паст задани шаъну эътибораш тоб наоварда, роҳи халосиро дар худкушӣ дидааст. Ба зидди модарандар, ки номашро набурдаанд, бо иттиҳоми ба худкушӣ расонидани ноболиғ парвандаи ҷиноятӣ боз кардаанд ва дар сурати собит шудани ҷиноят мумкин аст ин занро аз 5 то 8 сол маҳкум ба зиндон кунанд.

Дар Тоҷикистон солҳои ахир қасди худкушӣ ва ё мавридҳои худкушӣ зиёд шудаанд. Бар асоси омори Додситонии кулли Тоҷикистон, соли 2024 дар кишвар 259 нафар занону духтарон ё худкушӣ ва ё қасди худкушӣ кардаанд. Як таҳқиқ ҳам нишон додааст, бисёре аз онҳое, ки дар қасди худкушӣ шудаанд, ҷое кор намекардаанд.

ҚОЗИИ АДОЛАТ БОЯД ОМӮЗАД...

Мо - судяҳо вақте ки ба ин вазифаи пурмасъулият таъйин мешавем, дар назди Президенти кишвар ваъда медиҳем, ки танҳо дар пояи қонунҳои амалкунандаи кишварамон ҳукм ва ё ҳалнома мебарорем. Вазифадорем, ки адолати судиро таъмин намоем. Зеро дар Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба фаъолияти адолати судӣ тартиби махсус пешниҳод гардидааст.

Моддаи 2-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мефармояд, ки адолати судиро судҳо ба амал мебароранд. Ҳангоми баррасии парвандаҳои граждани, ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва маъмурӣ судяҳо мустақил буда, танҳо ба қонун итоат мекунанд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳақ надоранд, ки ба зиммаи суд вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ накардаро гузоранд. Ҳамаи судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мақоми ягона буда, фақат бо ваколат ва салоҳияти худ тафовут доранд.

Қонунгузории амалкунанда муқаррар кардааст, ки суд адолати судиро тавассути баррасии парвандаҳои граждани, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ дар ҷаласаҳои судӣ амалӣ мегардонад.



Судҳо низ такмил мешаванд. Барои боз ҳам бехтар гардидани фаъолияти судҳо, дар заминаи ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999 ва 2003 низоми ҳокимияти қонунгузор такмил дода шуда, ҳамзамон бо ин, дар асоси ин ислоҳот фаъолияти ҳокимияти ичроия ва судӣ такмил дода шуд ва мухлати ваколати судяҳо дах сол муқаррар гардид.

Дар ҳамин радиф ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ аз ҷиҳати тарзи ташкиливу сифатӣ ва миқдорӣ инкишоф ёфт ва бори аввал дар низоми судии мамлакат Суди конститутсионӣ, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ арзи вуҷуд намуда, инчунин синни ниҳоии ба вазифаи судягӣ интихоб ё таъин гардидан аз 60 ба 65 сол тағйир дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки судяҳо дар кишвари мо аз ҷумлаи шахсони дорои маълумоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаю малакаи касбидошта таъин мешаванд ва онҳо вазифаи худро хуб медонанд. Аммо, тавре мегӯянд, “хоҳӣ, ки доно бошӣ, омӯзу омӯзу омӯз...”.

Ман дар рӯзи кормандони суд ҳамкасбони худро табрик намуда истода, аз онҳо хоҳиш менамоям, ки ин шиорро ҳаргиз фаромӯш накунанд.

Ш. АЛИЗОДА,
судяи Суди н. Шоҳмансури
ш. Душанбе

СУРХЧА

Паёмадҳо ва роҳҳои пешгирии он



Сурхча яке аз бемориҳои сироятии вирусӣ маҳсуб меёбад, ки бештар дар ду фасли сол-тирамоҳ ва баҳор хуруҷ мекунад. Аз ин беморӣ асосан кӯдакон ва наврасон азият мекашанд. Гарчанде бисёриҳо онро бемории сабук мешуморанд, аммо барои занони ҳомила, хусусан дар моҳи аввалини ҳомилагӣ, хатари ҷиддӣ дорад, ки метавонад боиси нуқсонҳои модарзодӣ дар кӯдак гардад.

СУРХЧА ЧӢ ГУНА СИРОЯТ МЕКУНАД?

Омили ангезандаи сурхча вируси беморӣ аст, ки дар тиб рибелла (Rubella) мегӯянд. Ин вирус тавассути қатраҳои ҳавоӣ ҳангоми атса ё сулфа задан паҳн мешавад.

Дар марҳилаи аввали беморӣ, яъне вақте шахс ба ин вирус сироят мешавад, ба мисли нишонаҳои зуком, таби баланд, дарди сар, дарди мушакҳо ва бемадорӣ азият медиҳад.

Одатан ин нишонаҳо муддати 2-3 рӯз давом мекунанд ва баъд дар пӯст дамидагиҳо ба монанди доғҳои калони сурх пайдо мешаванд. Дамидагиҳо аввал дар рӯй, пушти гӯшҳо ва гардан пайдо мешаванд, баъдан ба тамоми бадан паҳн мешаванд. Дамидагиҳо хориш мекунанд ва баъд аз нобуд шуданашон пӯстпартоӣ дида мешавад.

СУРХЧА БА ҲОМИЛАҲО ЧӢ ХАТАР ДОРАД?

Бемории сурхча дар занони ҳомила, махсусан дар 3 моҳи аввали ҳомилагӣ, метавонад камбинӣ, ношунавоӣ, нуқсонҳои дил ва дигар мушкилоти ҷиддӣ ба кӯдак биёрад. Аз ин рӯ, муҳофизат аз вирус барои занони синни таваллуд ниҳоят муҳим аст. Занони синни таваллуд пеш аз ҳомила шудан бояд аз гузаронидани ваксина итминон ҳосил кунанд.

ЭМГУЗАРОНӢ РАҲОӢ АЗ СУРХЧА АСТ

Самараноктарин роҳи пешгирии сурхча эмгузаронӣ мебошад.

Эмкунии аввалини кӯдакон дар синни 12-15-моҳагӣ ва такроран дар синни 6-7-солагӣ барои пешгирии ин беморӣ гузаронида мешавад.

Занони синни таваллуд низ бояд пеш аз ҳомила шудан итминон дошта бошанд, ки эмкунии сурхчаро гирифтаанд.

Дар ҳолати бемор шудани шахс бояд ӯро аз дигарон чудо нигоҳ дошт, то сироят паҳн нашавад. Баъд аз пайдо гардидани беморӣ аз тарафи духтури оилавӣ дар хона, бемор ба назди духтурони сироятшинос фиристода мешавад ва дар беморхона зери назорати духтурон табобат мегирад. Беҳтарин роҳи табобат пешгирии беморӣ аст, ки ба таври эмгузаронӣ имкон дорад кӯдак бемор нашавад ва дар сурати гирифтор шудан, бемориро дар намуди сабук мегузаронад.

Саёҳатхон МУРОДИЁН,
табиби оилавии шуъбаи 1-и тиби оилавӣ дар МД МСШ 14



3 УСУЛИ ХАЛҚИИ ТАБОБАТИ ҚАНД

Бемории диабети қанд яке аз бемориҳоест, ки мутаассифона, дар ҷомеаи мо теъдоди гирифторони он зиёд мешавад. Вале диабети қанд шудан охири кор нест. Инсон метавонад бо ин беморӣ ба осонӣ мубориза барад.

Барои он ки қанди хунатон аз ҳад зиёд боло рафта, ҳоли шуморо табоҳ насозад, бояд се шартро ҳатман риоя намоед. Қабл аз ҳама, кӯшиш кунед, ки ғамро аз дил берун намуда, ҳамеша асабҳоятонро ором нигоҳ доред. Шарти дувум - ин риоя намудани парҳез мебошад. Шумо бояд аз хӯрдани шириниҳо, нони сафед ва ғизоҳои равғанӣ худдорӣ намоед. Шарти савум табобати пайваста аст. Табиби мардумӣ Садриддиншоҳи Насриддиншоҳ се давои содаро ба шумо тавсия медиҳад:

1. 100 грамм тухми ҷавро дар зарфе андозед ва аз болояш як литр оби ҷӯшидагӣ резед. Даҳони зарфро маҳкам кунед ва бигзоред ду шабонарӯз истад. Рӯзи сеюм дору тайёр мешавад. Рӯзе 3-4 бор аз ин даво якистаконӣ бинӯшед, беҳбудии комилро эҳсос хоҳед кард.

2. Барги тути сиёҳ барои гирифторони диабети қанд ва касоне, ки гурдаашон илллат дорад, давои хубест. 40 грамм барги тут, 20 грамм барги газна ва 40 грамм пӯсти лӯбиёро дар зарфе андозед ва аз болояш ним литр об рехта, муддати 10 дақиқа бичӯшонед. Пас аз ин оташро хомӯш кунед ва монед ним соат ё як соат истад, баъдан даворо полонда, рӯзе 2 маротиба 50-100-граммӣ нӯши ҷон созед.

3. Барги биҳӣ, барги чормағз, барги газна ва барги мушхорро ба андозаи баробар гирифта, хушк кунед ва кафмол намуда, омехта созед. Ду қошуқашро дар ним литр об ҳамагӣ ду се-дақиқа ҷӯшонида, оташро хомӯш намоед. Тахминан ним соат пас даворо аз дока полонед ва рӯзе 3 маротиба 50-граммӣ бинӯшед. Саломат бошед!

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта бо нерӯ ва рухбаландӣ оғоз мешавад. Тамоми монеаҳоро паси сар кардан мехоҳед, вале баъзе ҳолатҳои ногаҳонӣ сар мезананд. Пеш аз қабули қарорҳо ҳама чизро бодиққат баррасӣ намоед.

Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта бояд корҳои хона ва уҳдадориҳои касбиро ҷудо кунед, то асабатон ором бимонад. Мушкилоти ногаҳонии рӯзгор метавонанд шуморо аз кор дур кунанд. Эҳтимол сафар ё вохӯрии муҳим пеш ояд.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта шояд муносибати ошиқона ё дӯстии нав оғоз ёбад. Агар дар касбу кор пешравӣ кардан хоҳед, роҳҳои нави рушдёбиро ҷустуҷӯ кунед. Хабаре метавонад ҳаёти шуморо тағйир диҳад, бинобар ин, пеш аз қарор аввал фикр кунед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи навро бо дӯстон ва наздикон сипарӣ кунед. Муносибатҳои хонаводагӣ дар маркази диққат қарор мегиранд. Агар беадолатӣ бинед, оромона ва бо далел гап занед. Барои ташхис ва табобати бемориҳо вақти мусоид аст.

Асад
23.07 - 22.08

Давоми ҳафта мехоҳед ба атрофиён муҳаббат ва ғамхорӣ нишон диҳед. Аммо эҳсоси ғурур метавонад боиси нофаҳмӣ гардад. Кӯшиш кунед, ки баҳсҳоро оромона ҳал намоед. Имкони сафар ё вохӯрӣ бо одамони ҷолиб вучуд дорад.

Сунбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта бояд ба кор диққати ҷиддӣ диҳед. Дар ҷодаи муҳаббат эҳтиётткор бошед, то ба нофаҳмӣ дучор нашавед. Дар касбу кор ва масоили молиявӣ муваффақ мешавед, агар бодиққат ва фаъол бошед. Нагузоред, ки стресс ба зиндагии шумо таъсир расонад.

Мизон
25.09 - 22.10

Давоми ҳафта аз баҳсу баҳона худдорӣ намоед. Тағйири намуди зоҳирӣ метавонад ба шумо руҳбаландӣ бахшад. Имконияти вохӯрӣ бо шахси ҷолиб вучуд дорад, вале эҳсосотро идора кунед. Дар ҷодаи муҳаббат шитоб накунед, вақт ҳама чизро нишон медиҳад.

Ақраб
23.10 - 22.11

Агар даромади бештар доштан хоҳед, имкониятҳоро ҷустучӯ кунед. Аммо аз қарз гирифтан ё харочоти калон худдорӣ намоед. Миёнаи ҳафта барои кор муфид аст. Нақшаи худро бо диққат ичро кунед ва кори оғозкардаатонро то анҷом расонед.

Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафтаи пурэнергия ва фаъолро интизор бошед. Шиносоиҳои нав имконпазиранд. Дар муносибатҳои ошиқона саховатманд бошед, вале эҳсосотро назорат намоед. Харочоти зиёд эҳтимол дорад, аз ин рӯ пулро бодиққат идора кунед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар оғози ҳафта пур аз қувва мешавед. Иммунитетатон хуб аст, вале эҳтиёт кунед, ки худро осеб надиҳед. Харочоти калонро ба таъхир андозед. Агар кори нав оғоз кунед, сабр кунед, натиҷа баъдтар ба даст меояд.

Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта бо муваффақиятҳои молиявӣ оғоз меёбад. Агар имкони сафар карданро дошта бошед, истифода баред, истироҳат ба шумо фоида меорад. Дар ҷодаи муҳаббат эҳсосот зиёд мешаванд, вале кӯшиш кунед, ки ҳушёр бошед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафтаи пур аз эҳсос ва илҳом шуморо интизор аст. Табъи хуш ва зиндадилӣ атрофиёнро ба шумо ҷалб месозад. Бо наздикон ва хешовандон оромона муносибат кунед, то баҳс сар назанад. Дар ҷодаи муҳаббат эҳтимоли рух додани тағйироти калон вучуд дорад.

ҶӮЙИ МӮЛИЁН КУҶО ШУД?

(Аввалаш дар саҳ. 10)

ЗИЁРАТИ ПИРОНИ ИРФОНӢ

Бо фурӯ рафтани Офтоб ва расидани шом ба шаҳри Ғиждувон расидем. Ғиждувон шаҳри обод. Диққати моро, пеш аз ҳама, Мақмааи ёдгории меъмории Хоҷаи Ҷаҳон Абдухолиқи Ғиждувонӣ асрҳои XV-XXI ҷалб намуд. Мақмаа ҳудуди васеъ дорад, ки аз оромгоҳ, масҷид, мадраса ва манора иборат аст. Майдони он ба таври замонавӣ обод гардида, на танҳо ҳамчун мавзеи зиёрати ҳазрати Абдухолиқ Ғиҷдувонӣ, балки ба сифати боғи истироҳативу фароғат ба мардум, хосса ҷавонон хидмат мекунад.

Аз тамошои мавзеъҳои Мақмааи ёдгории меъмории Абдухолиқи Ғиждувонӣ ҳаловати маънавӣ бардошта, бо пиёлаи оби чашмаи зам-зами ба таври замонавӣ сохташуда, хумори ташнагиамонро шикаста, сафарамонро идома додем.

Дар масири роҳ номвожаҳои тоҷикии рустову деҳқадаҳо: Наврӯзобод, Гандумак, Сарой, Даштак, Муъминобод, Галаосиё, Вобкент то Бухоро моро истиқбол гирифтаву гусел менамуданд...

Субҳи дигар сафари мо бо зиёрати Мақмааи ёдгории меъмории Баҳоуддини Нақшбанд асри XV оғоз ёфт. Мақмаа дар канори самти шимоли шаҳри Бухоро воқеъ гардида, дар масофаи се гектар навсозӣ шудааст. Сохтори мақмааро дарвоза (даромадгоҳ) бо номи «Боби салом», оромгоҳи модари Баҳоуддини Нақшбанд - Биби Орифа (асри XIV), масҷид, манора ва оромгоҳ ташкил медиҳад.

Дар тарафи рости дарвозаи «Боби салом» чиллахона воқеъ гардидааст, ки дар он ҷо сӯфиён аз рӯйи тариқати нақшбандӣ ба тоату ибодат ва тилловат машғул мешудаанд.

ҶӮЙИ МӮЛИЁН ДАР КУҶО БУД?...

Аз самти Ғиждувон деҳу деҳқадаҳои сабзу хуррамро убуркунон ба манораҳои қоматафрохта чашм меафтад ва бо вуҷуди борҳо саёҳату зиёрат кардани ин модаршаҳри Шарқ, дил ба таври дигар тапида, мужда медиҳад:

- Бухоро аст ин ҷо! Кас аз кӯчаҳои канорӣ ба маркази шаҳр наздикшуда, аз паҳлуи манораҳои бовиқори пурҷило гузашта, ба таъбири таърихан аз ҷумлаи ҳашт шаҳри ободи Шарқ - Мадинаи Мунаввара, Бағдод, Исфаҳон, Нишопур, Қалъаи дохилии Марв, Самарқанд, Насаф ба Бухоро низ нисбат додани “мадина”, яъне шаҳр итминон ҳосил мекунад ва беихтиёр мисраъҳои машҳури Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ёд мерасад:

Имрӯз ба ҳар ҳоле
Бағдод Бухорост,
Кӯҷо мири Хуросон
аст, пирӯзӣ онҷост.



Кохи Ситораи Моҳи Хоса

Аз рӯйи таомул мақбараи Шоҳ Исмоили Сомониро зиёрат кардаву чанде дар Боғи ноободи атрофи он қадамзанон, тарҳи пешакии ҷустуҷӯйи Ҷӯйи Мӯлиёнро кашидем. Аслан, нақлу қиссаҳои шавқангези ҳамкасбамон профессор Ҷумъа Ҳамроҳ дар бораи аз кучо то Бухоро ҷорӣ шудани ин ҷӯйи сеҳрангез, ки Рӯдакии бузургвор бо тавсифи он:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме,

амири Бухоро Наср ибни Аҳмади Сомониро ба бозгашт ба ватан водор кардааст, моро ҳам ба ҷустуҷӯйи ин минтақаи таърихӣ моил сохта буд ва бо майли тамом ба «амалиёти ҷустуҷӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ҳамроҳ шудем.

Албатта, нақлу қиссаҳои профессор Ҷумъа Ҳамроҳ дар мавриди қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ба маъхазҳои илмиву пажӯҳиши олимони адабшинос такя мекард, ба мисли навиштаи Расул Ҳодизода «...дар миёни осори бозмондаи Рӯдакӣ гуфтан метавон қасидаи шоир бо матлаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме, Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме» шуҳрату маъруфияти хоссае дорад. Қариб дар ҳамаи маохизи адабию таърихӣ муаллифон аз ин қасидаю сабаби иншои он нақлу ривоятҳои мухталиф овардаанд. Имрӯз ҳам дар ватани шоир - дар Тоҷикистон ин қасида аз маъруфтарин ва маҳбубтарин шеърҳост, ки онро хурду калон мехонанд, дар пардаҳои рангоранги мусиқӣ месароянд ва гуфтан мумкин аст, ин шеър дар диёри тоҷикон шиносномаи шоир аст”, ё Алии Муҳаммадии Хуросонӣ: «... қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» баробари эҷод шудан дар байни ҷомеъа маҳбубият пайдо кард ва минбаъд мувофиқи завқи ниёзмандон аз китобе ба китобе нақл гардида, то замони мо ҳафт байти он тавассути маъхазҳои гуногуни қаламӣ омада расидааст, ки шумораи дастраси мо ба бисту ҳашт маъхаз мерасад» ва ё хулосаи Абдунабӣ Саттторзода: «танҳо ба ин шеъри машҳури устод Рӯдакӣ «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» қариб сад шоир тазмину ҷавоб гуфтаанд», вале роҳбалади моро суоли “Ҷӯйи Мӯлиёни тасвиркардаи устод Рӯдакӣ ҳоло дар кучо бошад?!...” андармон сохта буд.

Мо медонистем, ки солҳои охир профессор Ҷумъа Ҳамроҳ баҳри ёфтани ҷавоби ин суол борҳо ба Бухоро сафар карда, аз мӯйсафедони огоҳ замонҳои пеш тахминан дар атрофи Кохи Ситораи Моҳи Хоса вуҷуд доштани Ҷӯйи Мӯлиёнро шунида будааст, вале азбаски ҳоло аз он ҷӯйбор нишоне намонда, мушаххас намудани макони он кори осон нест.

- Дараки ду тан аз «донандагони асрори Бухоро»-ро пайдо кардаам, ба зангамон ҷавоб диҳанд, сари пиёлаи чой суҳбат мекунем, - гуфт роҳбаладамон телефонро рӯшанкунон ва Шоҳимардонро хоҳиш намуд мошинро сӯйи Лаби ҳавз гардонад.

То дар гирди мизи зери сояи дарахти сада ҷойгир шудаву як пиёлаӣ чой нӯшидан, ду шиноси бухороии устод Ҷумъа Ҳамроҳ паси ҳам расида омаданд. Яке Илҳом Раҳмонов, марди гандумгуни тахминан 60 - 65 сола, кишваршинос, роҳбалади ширкати сайёҳӣ, аз мақсади мо огоҳ шуда, ба нақл шуруъ кард ва зимнан гуфт:

- Аз мӯйсафедони шаҳр шунида будам, ки аз миёни боғи паси Кохи Ситораи Моҳи Хоса ҷӯйи пуробе мегузаштааст, вале мутаассифона, ҳоло осораш боқӣ намондааст. Дар ҳамон минтақа солҳои пеш тарабхонаи “Ҷӯйи Зар” фаъол буд, ки он ҳам аз байн рафтааст.

Ҳамсуҳбати дигарамон Саъдулло Хоҷаев, меъмор, мутахассиси тармиму азнавсозии ёдгориҳои таърихӣ, марди тануманди хушандоме бо мӯйҳои мошубиринҷи ба қафо шоназада, дар як дидор бо суханронии пурмағзу бамаъниаш, аз донишу ҷаҳонбинии фарохаш дарак медод, моро ба мошинаш шинонда, сӯйи Ситораи Моҳи Хоса роҳ гирифт. Аз дарвозаи Кох воридшавон, ба нақлаш идома дод:

-Аз рӯйи шунидам ва хулосаи мантиқӣ, Ҷӯйи Мӯлиён дар самти шимолу шарқии Кохи Ситораи Моҳи Хоса равон буда, ба ду шохоб ҷудо шуда, яке сӯйи ҷануб, ба Бухоро, дигаре ба самти ғарб, сӯйи Рометан ҷорӣ мешудааст. Ҳоло на аз ҷӯйи асосӣ ва на аз шохобҳои он нишоне боқӣ намонда, вале болотар аз ин маҳал наҳраки пуроби Ҷӯйи Зар ҷорист, ки оби он барои шодоб кардани заминҳои зироаткориву боғоти атроф истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари меъморӣ нигарем, аслан, фикри дар ин маҳал бино намудани Кохи Ситораи Моҳи Хоса ба сифати қароргоҳи беруназшаҳрии амири Бухоро, ҳанӯз охирҳои асри 19 бо фармони амир Абдулаҳадхон дар шароити гармои тафсони Бухоро ба ду омил - обу ҳавои нарм ва серобӣ такя мекунад.

Дарвоқеъ, тавре дар адабиёти вобаста ба таърихи сохтмон ва вижагиҳои меъмории Кохи Ситораи Моҳи Хоса зикр гардидааст, обу ҳавои ҳудуди он аз шаҳри Бухоро, ки ҳамагӣ 4 километр дуртар аст, ба таври қобили мулоҳиза фарқ мекунад, яъне рӯзҳои тафсони шаҳр ҳам, ҳавои ин ҷо салқинтар аст. Дар интихоби мавзеи қароргоҳи беруназшаҳрии амири Бухоро чун дигар иншооти муҳим, ба ҳикмати халқӣ такя намудаанд: ба маҳали сохтмони оянда гӯшти пора кардашудаи гӯспандҳоро ба муддати якчанд рӯз гузоштаанд ва ҳамон ҷоеро, ки гӯшт ба муддати бештар вайрон нашуд, барои сохтмони иншоот баргузидаанд.

Чунин тарзи интихоби мавзеи иншооти муҳим омили дигари таъсиргузор - мавҷуд будани оби равонро, ки аз назди он ҷорӣ бошад, низ тақозо дорад. Замоне аз мавзеи Кохи Ситораи Моҳи Хоса сӯйи Бухоро ҷорӣ будани наҳраке бо номи Ҷӯйи Мӯлиён, ба гумони ғолиб, имконпазир аст.

Имрӯз чанде дуртар аз Ситораи Моҳи Хоса равон будани Ҷӯйи Зар, воқеъ будани маҳаллаи ҳамшафати Галаосиё андешаи гумонолуд ва ё гумони ба воқеият наздики роҳбалади мо профессор Ҷумъа Ҳамроҳро тақвият мебахшад.

Бо умеди пайдо шудани далелу андешаҳои минбаъдаи мушаххас гардидани мавзеи Ҷӯйи Мӯлиёни васфкардаи устод Рӯдакӣ, бо Бухорои Шариф хайрухуш намудем.

Мурод Муродӣ,
Қироншоҳ Шарифзода,
Душанбе - Самарқанд - Бухоро - Душанбе

МАВЛУДНОМА

30 ОКТЯБР

Ҳасани Муҳаммадӣ (1940), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Назира Фозилова (1915-1986), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Умарқул Ҳакимов (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

31 ОКТЯБР

Юрий Григорев (1905-1989), 120-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Александр Туманов (1905-1983), 120-солагии зодрӯзи муаррих.

1 НОЯБР

Людмила Басова (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир ва мутарҷим.

Исроил Гимелштейн (1905-1990), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Муазамма Ҳомидова (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

2 НОЯБР

Қумрӣ Абдуллохоҷаева (1940), 85-солагии зодрӯзи забоншинос (арабӣ).

Маза Гадомаҳмадов (1940-2011), 85-солагии зодрӯзи рассоми театр.

3 ноябр

Маъруф Бобоҷон (1945), 80-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Юсуф Мақидов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Султонмуроди Одина (1950), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Эмилия Подобед (1935-1992), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Абдураҳмон Бухоризода (1910-1987), 115-солагии зодрӯзи доктори илмҳои филологӣ, профессор.

4 НОЯБР

Асалбегим Саодатова (1950), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Галина Стругач (1930), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

5 НОЯБР

Мӯсо Асозода (1955-2020), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Исмоил Қурбонов (1935-1991), 90-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию маъмурӣ, генерал-майор.

Моҳираи Нормат (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Бузургхон Олимов (1930-1990), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, журналист.

Анатолий Слонинский (1915-2001), 110-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Иван Стеблин-Каменский (1945-2018), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда таҳти феҳрасти рақами 1Ш-231 аз санаи 12.02.2019, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Алиева Низора тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №194377, ба номи Мусоева Бунавша Бобокалоновна, ки соли таҳсили 1988-1989 аз ҷониби МТМУ №46-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Давлатшоев Махмадрахим Сайумарович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 24010205 факултети ҲГ ДБССТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Аттестати синфи 12, Т-АТУ №1022447, ба номи Раҳимова Юлдуз Зайниддиновна, ки аз ҷониби МТМУ (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон аз санаи 21.06.2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Авалов Нормаҳмад Хаёнович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Шафақ 43, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Тағоев Замон, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулбутта 126, соли 1986, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0153008, рақами қайд №109, ба номи Урозова Сабрина Абдуллоевна, ки аз ҷониби Литсейи касбии техникии нақлиётии роҳи оҳани ш. Душанбе, аз санаи 15.07.2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳрасти рақами 20Г-548 аз 13.06.2013, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе аз номи Муминова Бунафша Чурахоновна ба номи Зокирова Мехрноз Шавкатовна тасдиқ гардидааст, гум шудааст.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Хакимов Панжибой Эргашович, РЯМ: 0730141326, РМА: 075376695, ки аз санаи 05.11.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси ҶДММ "Ирони Тоҷикистон Мед, ИТО Мед", РЯМ: 0710012289, РМА: 070019326, аз 17.11.2023, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0042552, рақами қайд №18, ба номи Уроков Ислом Олимович, ки соли 2012 аз ҷониби Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-АТА №1380018, ба номи Урозова Шоҳина Абдуллоевна, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №90-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1037548, ба номи Шарипов Муҳамадали Ильхомҷонович, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №88-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Заурбекова Малика Кокулбековна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев, хонаи 92/2, ҳуҷраи 23, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №68303, ба номи Саъдуллоев Анвар Шайдуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон, дом 16, ҳ. 38, санаи 02.08.2013, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Исмаилова Нигина Абдухалиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев, бинои 96, ҳуҷраи 28, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ким Маргарита Григорьевна, аз 29.07.2010, РМА: 030001837, РМБ: 350101369, ки дар Нозироти андози н. Исмоили Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Султонов Ҳикматулло Хайрубиллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Южно-Обходная б 14, ҳ. 100, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.


БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Ориён Шаҳр", №0269203, РЯМ: 0410042353, РМА: 040064946, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Қосимиёни Али", №0269790, РЯМ: 0410044425, РМА: 040067130, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЭЪЛОН

► Ба устои кафел ниёз дорем. Тел.: 907-07-10-02



ММА

ПИРӮЗИИ МУҲИМИ ВАРЗИШГАРИ ТОҶИК

Дар мусобиқаи бонуфузи Warriors Night Championship 3, ки ба наздикӣ (17 октябри соли равон) дар шаҳри Женеваи Швейтсария баргузор гардид, ситораи намояндаи Тоҷикистон Фаршеди Шамсиддин дурахшид. Ӯ дар ин мусобиқа варзишгари португалӣ - Педро Соузро шикаст дода, ғалаба ба даст оварад.



Муҳорибаи ин ду варзишгар аз оғоз таваҷҷуҳи тамошобинонро ба худ ҷалб кард, зеро аз сонияҳои нахустин ҳам Фаршеди Шамсиддин ва ҳам Педро Соуз мехостанд ташаббусро ба дасти худ гиранд. Азбаски Фаршеди Шамсиддин техника ва тактикаи бехтарро истифода бурд, Педро Соуз маҷбур шуд, ки бештар ба дифоъ гузарад.

Сарфи назар аз ин, Фаршеди Шамсиддин тавонист, ки дар даври якум ғалабаи мутлақ ба даст оварад. Баъди анҷоми бозӣ варзишгари тоҷик тавассути расонаҳо ба ҳамаи онҳое, ки ӯро дастгирӣ карданд, аз ҷумла, ба волидайн, мураббиён ва мухлисонаш миннатдории худро изҳор кард.

-Пирӯзӣ дар ин мусобиқаи бонуфуз ҳоло оғози кор аст, аз ин рӯ, ман машқҳоямро идома медиҳам, то ки бо пирӯзиҳои нав ҳамаро шод гардонам ва парчами Тоҷикистони азизро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорам”, - гуфт Ф. Шамсиддин ба хабарнигорон.

Ғалаба дар Женева барои варзишгари тоҷик марҳилаи муҳиме гардид дар карйераи касбии ӯ. Коршиносон сатҳи баланди тайёрӣ ба мусобиқаҳо ва кӯшиши Фаршеди Шамсиддинро бобати такмил ва сайқал додани маҳорататаш қайд мекунанд ва инро баромади ӯ дар мусобиқоти кунунӣ бори дигар нишон дод.

Чунон ки коршиносони хориҷӣ мегӯянд, Фаршеди Шамсиддин ҳоло яке аз варзишгарони хеле боистеъдод дар ММА-и муосир дониста мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир, ӯ имрӯзҳо мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ босуръат мустаҳкамтар карда истодааст. Онҳо ҳамчунин ба ин бовараанд, ки варзишгари тоҷик - Фаршеди Шамсиддин дар ояндаи наздик дар сафи лидерон дар вазни худ ҷой мегирад.

БОЗИҲОИ ОСИЁӢ

15 НИШОНИ ВАРЗИШГАРОНИ НАВРАСИ ТОҶИКИСТОН АЗ БАҲРАЙН



Дар доираи Бозиҳои сеюми осиёии наврасон дар Баҳрайн, ки аз 22-юми октябр шуруъ шуд, мусобиқаҳои кураш, санъати муҳорибаҳои омехта (ММА), таэквандо, варзиши сабук, муайтай, пенсак-силат, триатлон ва теқбол ба анҷом расиданд.

Варзишгарони Тоҷикистон дар се намуди варзиш сазовори 15 нишон - 2 тило, 1 нуқра, 12 биринҷӣ шуданд. Дар риштаи ММА наврасони Тоҷикистон 9 нишон гирифтанд. Файзиддин Халилов (55 кг), Умарҷони Умед (70 кг) нишони тило, Умар Шарифов (50 кг), Муҳаммад Саидзода (60 кг), Абубакр Баҳромов (75 кг), Осимӣ Бегмуродзода (60 кг), Мусо Иброҳимзода (80 кг), Меҳрона Қаландарбекова (55 кг), Марҳабо Бобоева (60 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварданд. Дар намуди таэквандо Ҷонибек Нигматов (+73 кг) сазовори нишони нуқра, Абдуҷаъфари Баҳодур (-55 кг) сазовори нишони биринҷӣ гаштанд. Як нишони биринҷии дигарро Абубакр Тураев (-65 кг) дар кураш ба даст оварад.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар ҷадвали ҳисоби нишонҳо бо 15 нишон дар ҷойи 18-ум мавқеъ дорад. Варзишгарони Тоҷикистон дар рӯзҳои оянда дар намудҳои бокс, ҷудо, кушти тарзи озоду юнонӣ-римӣ, бадминтон, шиноварӣ, ҷиуҷитсу барои ба даст овардани нишонҳо талош мекунанд.

ЛИГАИ ДАЪВАТИ КФО

МУСОВӢ ВА ШИКАСТИ «РЕГАР-ТАДАЗ» ДАР ДАВРИ ГУРӮҲӢ

Дастаи “Регар-ТадАЗ”-и Турсунзода мавсими нави Лигаи даъвати КФО-2025/26-ро бо мусовӣ оғоз кард. Дар бозии ифтитоҳии худ, ки 25-уми октябр дар варзишгоҳи “Долон Омурзоқов”-и шаҳри Бишкек баргузор шуд, шогирдони сармураббӣ Алишер Тӯхтаев бо тими “Мурас Юнайтед”-и Қирғизистон бо ҳисоби 0:0 мусовӣ карданд.



Барои “Регар-ТадАЗ” ин нахустин бозии расмӣ дар мусобиқаи байналмилалӣ пас аз чандсолаи танаффус буд. Дар даври дуюм Регар-ТадАЗ бо дастаи Ал-Арабӣ»-и Кувайт, ки дар даври якум бо “Сафо”-и Лубнон бо ҳисоби 2:2 мусовӣ карда буд, рӯ ба рӯ шуд. Дастаи шаҳри Турсунзода дар аввали бозӣ бо ҳисоби 1:0 пешсаф буд, аммо натавонист бартарии худро нигоҳ дорад ва дар ниҳоят бо ҳисоби 2:1 мағлуб шуд. Акнун “Регар-ТадАЗ” дар даври ниҳоии марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати AFC 2025/26 бо дастаи «Сафо»-и Лубнон рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ин бозӣ рӯзи ҷумъа, 31-уми октябр баргузор мешавад.

ФУТЗАЛ

ТОҶИКИСТОН БО ЭРОН, МАРОКАШ ВА АФҒОНИСТОН БОЗӢ МЕКУНАД

Тими миллии футзали Тоҷикистон дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ-2025, ки аз 4 то 11-уми ноябр дар шаҳри Риёз баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.

Тибқи қуръакашӣ, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «В» ҷойгир шуда, бо дастаҳои мунтахаби Эрон, Марокаш ва Афғонистон бозӣ хоҳад кард. Ҳар се дастае, ки Тоҷикистон бо онҳо бозӣ мекунад, дастаҳои ширкаткунандаи Ҷоми ҷаҳон-2024 дар Ӯзбекистон буданд.

Иштирок дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ марҳилаи омодагии дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 мебошад, ки аз 27-уми январ то 7-уми феврал дар Индонезия баргузор мешавад. Қуръакашии мусобиқа рӯзи 5-уми ноябр баргузор мешавад. Дастаҳои Индонезия, Эрон, Тайланд ва Ҷопон дар гурӯҳи якум, Ӯзбекистон, Ветнам, Афғонистон ва Ироқ дар гурӯҳи дуюм, Кувейт, Тоҷикистон, Арабистони Саудӣ ва Қирғизистон дар гурӯҳи сеюм, Австралия, Лубнон, Куриёи Ҷанубӣ ва Малайзия дар гурӯҳи чоруми қуръакашӣ ҷой гирифтанд.

РЕЗААХБОР



Тоҳир Муминов сармураббии нави КМВА-и Душанбе шуд. Таъкид шудааст, ки созишнома то охири мавсими ҷорӣ амал мекунад. Ёдовар мешавем, ки Муминов дар гузашта дастаҳои "Регар-ТадАЗ", "Равшан" ва "Вахш"-ро тамрин додааст. Охирин дастаи Муминов тими "Истаравшан" буд.

***


Рӯзҳои 28-29-уми октябр Чемпионати Осиё ва 30-31-уми октябр Ҷоми ҷаҳон оид ба куштии қазоқии кураш дар шаҳри Туркистони Қазоқистон байни калонсолон баргузор мегардад. Дар ин ду мусобиқа 7 варзишгари тоҷик ширкат мекунанд. Инҳо Рамзиддин Азизов (60 кг), Искандар Маҳмадҳоҷазода (66 кг), Наврӯз Каримзод (74 кг), Саидҷони Ҳайдар (82 кг), Ҳақназар Назаров (90 кг), Рашид Зиёбеков (100 кг) ва Дадахон Қурбоналиев (+100 кг) ҳастанд.

***

Рӯзҳои 24-26-уми октябр дар шаҳри Бухоро Чемпионати ҷаҳонии самбо миёни собиқадорон (аз 35-сола боло) баргузор шуд, ки паҳлавонони тоҷик 10 нишон ба даст оварданд. Хайрулло Назриев (+98 кг) дар категорияи М6, Нодир Чоршанбиев (-88 кг) дар категорияи М5 нишони тило гирифтанд. Хушнуд Сафоев (-98 кг) дар категорияи М2 нишони нуқра ва Расул Ҳодизода (-71 кг) дар категорияи М7, Тиркаш Авғонов, Фарҳод Ризозода (-98 кг) дар категорияи М6, Шариф Қурбонов (+98 кг) дар категорияи М5, Муҳаммад Маҳмарасулов (-64 кг) дар категорияи М3, Замончон Умаров (-71 кг) дар категорияи М2, Алишер Ғарибшоев (-79 кг) дар категорияи М1 нишони биринҷӣ ба даст оварданд.

***

Футболбозони навраси дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо ҳамтоёни худ аз Куриёи Ҷанубӣ бозии санҷишӣ баргузор карданд. Бозӣ бо ҳисоби 5:0 бо пирӯзии куриёиҳо ба анҷом расид. 30-юми октябр дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо наврасони Мексика бозӣ мекунад. Дар Ҷоми ҷаҳон-2025 мунтахаби наврасони Тоҷикистон дар гурӯҳи «I» бо дастаҳои Чехия (5-уми ноябр), ИМА (8-уми ноябр) ва Буркина Фасо (11-уми ноябр) бозӣ хоҳад кард.



ЗАН НАМЕДОШТАМ

Бонуи хона, ки бо завқ рӯзнома мехонд, ногаҳон аз ҳамсараш шодиёна мегирад:

- Тассавур кунед мардакҷон, олимон дастгоҳе сохтаанд, ки умри инсонро то 150 сол дароз мекунад.

Шавҳар:

- Беҳтарин, агар зан намедоштам, якто барои худам мехаридам.

ХОБ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Мардакҷон, имшаб хоб дидам, ки ба ман ангуштарини тилоӣ туҳфа кардай.

Шавҳар мегӯяд:

- Агар бо ман ҷангу ҷанҷолатро бас кунӣ, ин дафъа дар хобат ба ту гарданбанди тило мехарам.

САВОЛ

Харидор мехоҳад ба асаби қассоб расад:

- Ин гӯшт дар зинда буданаш “Мияв” мегуфт ё “Вов-вов”?

Қассоб:

- Ин гӯшт дар вақти зинда буданаш ҳар хел савол медод!

УСТОД

Муаллими таърих аз хонанда мепурсад:

- Канӣ бигӯ, шоҳ Аббос чӣ гуна шоҳе буд?

Хонанда ҳар қадар, ки фикр мекунад, ҷавоби суолро пайдо карда наметавонад ва билохира мегӯяд:

- Устод, аз қафои мурда гап задан хуб нест.

КОРД

Муфаттиш:

- Шумо ин кордро мешиносед?

Гумонбаршаванда:

- Албатта!

- Оҳо! Оқибат шинохтед?

- Ҷин занад, чӣ хел нашиносам, ки онро ба ман ду моҳ боз нишон медиҳед!

ҲОФИЗА

- Оча, шумо ҳофизаед?,- пурсид духтарчае аз модараш.

Модар бо ҳайрат:

- Не, кӣ гуфт?

Духтарча мегӯяд:

- Падарам гуфтанд, ки модарат аз кор омада истодааст, ҳозир консерт сар мешавад.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ШИШАРЕЗАҲО

Шикоят: Чинҳои пешониям аз ҷафои андозчинҳоянд.

***

Занак, аз бесариҳои ман наранҷ. Охир, дар хона танҳо ту сардорӣ!

***

Аз назари соҳибхона, меҳмоне, ки дастовез надорад, даст надорад.

***

Аз рӯзе, ки занамро “асалакам” мегуфтагӣ шудам, ӯ маро “занбӯри асал мегӯяд”.

***

То мансаб гирифтан танҳо худ “девона” буд, мансаб гирифту ҳамаро “девона” кард.

***

Бағали камбағал сард аст.

***

Чун эълон карданд, ки филм шабона наворбардорӣ мешавад, кӯршабпарак даъвои бозидани нақши асосиро кард.

***

Набиштае дар қуттии сигор: Ҳушёр бошед, дуд аз димоғатон мебарояд!

***

Баъзан санади талафи ҳосил аз худи ҳосил бештар фоида меорад.

***

Ман аблаҳ? Ана, акнун сабаби ба ту мадад расониданамро фаҳмидам!

***

Пешгаҳи хона он ҷост, ки дастурхон бошад.

***

Ҳикмат: дурӯғе, ки фоида меорад, рост аст.

***

Дард дар тани одам меҳмон. Чи қадар меҳмондӯстанд табибони мо!

***

Оқибати лаззатҳои ҷавонияшро дар пирӣ табобат кард.

***

Аз рӯзе, ки чатр харидам, суруди дӯстдоштаам “Борон, бибор!” аст.

***

Баъзеҳо “ҷонакам, ҷонакам” гуфта, касро аз ҷон безор мекунанд.

***

Нав сари калобаро ба даст оварда будам, ки худи калобаро аз ман рабуданд.

***

Аз хислатномаи баъзеҳо огаҳӣ ёфта, оина ба шаффофии худ шубҳа кард.

***

Аксаран остинбарзадаҳо тамошобин мешаванду остиндарозҳо - коргар.

***

Занам ба ман он қадар ақл ёд дод, ки ниҳоят фаҳмидам: зан гирифтанам беақлӣ будааст.

Абдурауф МУРОДӢ

Сканворд

